*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№ 24 (12352)
16 июни
соли 2022

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

ДОВТАЛАБ - 2022

## Ҷадвали баргузории имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ

Душанбе, 2-юми июни соли 2022

Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таваҷҷуҳи довталабон мерасонад, ки ҷадвали баргузории даврҳои асосӣ ва иловагии имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ИМД) – қисмҳои А (имтиҳон дар заминаи таҳсилоти умумӣ), Б (имтиҳон дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ), В (имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус) ва Г.1 (имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ барои довталабони филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе) дар соли 2022 муқаррар карда шуд.

Бо дарназардошти ҷадвали тасдиқгардида, даъватномаҳои довталабон – шахсони аз 1-уми март то 30-юми апрел номнависшуда омода ва ба онҳо тибқи макони нишондодаашон дар вақти бақайдгирӣ, ки дар варақаи бақайдгирӣ дарҷ гардидааст, фиристода мешавад. Инчунин, нусхаи электронии даъватномаҳо дар кабинетҳои инфиродии довталабон ҷойгир карда мешавад. Лозим ба зикр аст, ки маълумоти мушаххас дар бораи макон ва замони супоридани қисм(ҳо)-и дахлдор барои ҳар як довталаб дар даъватнома ва кабинети инфиродияш дарҷ карда мешавад.

Довталаб бояд даъватномаашро аз ҷойе, ки онро дар вақти бақайдгирӣ нишон додааст, дастрас кунад. Дар ҳолати дастрас нагардидани даъватнома ва ё гум шудани он довталаб метавонад нусхаи электронии даъватномаашро аз кабинети инфиродиаш сабт ва чоп кунад, ё дар зарурат барои дастрас кардани даъватнома ба Марказ ё бахши минтақавии он муроҷиат намояд. Дар бораи дар кабинети инфиродии довталаб ҷойгир гардидани даъватномааш ба ӯ паёмак (SMS) фиристода мешавад.

Ёдрас мекунем, ки қисми В (имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус)-ро, дар баробари ду субтести аввал (1-ум ва 2-юм)-и қисми А ё қисми Б, довталабоне, ки барои дохил шудан ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ аз рӯйи ихтисосҳои интихобнамудаашон дар асоси талаботу қоидаҳои муқарраргардида омодагии эҷодӣ ва (ё) маҳорати махсус доштанашон ҳатмист, месупоранд. Барои муайян кардани рӯзи мушаххаси супоридани қисми В, инчунин, гирифтани машварат дар бораи масъалаҳои марбут ба қисми мазкур довталаб ба муассисаи таълимие, ки онро дар бақайдгирӣ ҳамчун макони супоридани ин қисм интихоб кардааст, бояд пешакӣ муроҷиат кунад.

Қисми Г.1 (имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ)-ро дар баробари қисми А, довталабоне, ки ихтисосҳои пешниҳодкардаи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанберо интихоб кардаанд, месупоранд. Қисми Г.1 барои довталабони мазкур дар худи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе баргузор карда мешавад. Барои гирифтани машварат дар бораи масъалаҳои марбут ба ин қисм довталаб бояд ба филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе дар рӯзҳое, ки тибқи ҷадвали тасдиқкардаи ин донишгоҳ муқаррар карда шудаанд, муроҷиат кунад. Телефонҳо барои тамос бо шахсони масъули ин филиал дар даъватномаҳои довталабони дахлдор нишон дода мешавад.

Довталабоне, ки ихтисосҳои пешниҳодкардаи Донишгоҳи Осиёи Марказиро интихоб кардаанд, дар баробари қисми А, қисми Г.2 (имтиҳонҳои




иловагии тахассусӣ)-ро месупоранд. Қисми Г.2 барои довталабони мазкур дар марказҳои имтиҳонии Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар шаҳрҳои дахлдор баргузор карда мешавад. Вобаста ба ин, онҳо барои гирифтани маълумот дар бораи макон ва замони баргузории қисми мазкур бояд пешакӣ ба ин донишгоҳ муроҷиат кунанд. Телефонҳо барои тамос бо шахсони масъули Донишгоҳи Осиёи Марказӣ дар даъватномаҳои довталабони дахлдор нишон дода мешавад.

**Хотиррасон мекунем:**

1) маълумоти мушаххас дар бораи макон ва замони имтиҳонсупории довталаб дар даъватномааш қайд мешавад. Ин маълумот барои ҳар як довталаб дар кабинети инфиродияш низ дастрас мегардад;

2) довталаб бояд ба макони имтиҳонсупорӣ ***1 соату 30 дақиқа пеш*** аз оғози имтиҳон ҳозир шавад ва бо худ ***шиноснома*** ё ***ҳуҷҷати дигари тасдиқкунандаи шахсият бо сурат***, ***даъватнома*** ва ***ду ручкаи одии рангаш сиёҳро*** дошта бошад.

**Ҷадвали баргузории даврҳои асосӣ ва иловагии ИМД – қисмҳои А (имтиҳон дар заминаи таҳсилоти умумӣ), Б (имтиҳон дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ), В (имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус) ва Г.1 (имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ барои довталабони филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе) дар соли 2022**

**I. ДАВРИ АСОСӢ**

**1. Қисми А (имтиҳон дар заминаи таҳсилоти умумӣ – синфи 11-ум):**

| Р.т. | Гурӯҳи ихтисосҳо | Таърихи баргузории имтиҳон |
|---|---|---|
| 1 | Табиӣ ва техникӣ | 01.07.2022 |
| 2 | География ва иқтисод | 02.07.2022 |
| 3 | Филология, педагогика ва санъат | 03.07.2022 |
| 4 | Ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ | 04.07.2022 |
| 5 | Тиб, биология ва варзиш | 05.07.2022* |
| | | 06.07.2022** |

*Эзоҳ:*

Мутобиқи банди 128 «Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, № 81 тасдиқ шудааст, барои довталабони гурӯҳи ихтисосҳои 5 (тиб, биология ва варзиш), бинобар аз шумораи ҷойҳои нишасти пешбинишуда зиёд будани шумораи ин довталабон, имтиҳон (қисми А) ба тартиби зерин дар 2 рӯз гузаронида мешавад:

*рӯзи аввал – барои довталабоне, ки забони

***(Давомаш дар саҳ.2)***

ИТТИЛОЪ

## Қабули хонандагон ба синфи якум аз 1 июл оғоз мегардад

Аз 1 июли соли равон дар кишвар қабули хонандагони синфи якум ба соли таҳсили 2022-2023 оғоз мегардад, –иттилоъ дод сардори раёсати таҳсилоти миёнаи умумии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Зиёратшоҳ Назруллозода.



Мавсуф зикр намуд, ки имрӯзҳо дар тамоми муассисаҳои таълимии мамлакат омодагӣ ба соли нави хониш дар сатҳи баланд ҷараён дорад. Дар баъзе аз ноҳияҳои дурдасттарини мамлакат қабули хонандагон ба синфи якум аз нимаи моҳи июн низ оғоз мешавад.

Тибқи Низомномаи намунавии Вазорати маориф ва илми мамлакат, дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои ба синфи якум қабул намудани хонандагон ҳуҷҷатҳои зерин: варақаи шахсии хонанда, ду дона расми се ба чор, аризаи волидайн оид ба қабул, шаҳодатномаи таваллуди кӯдак, ҳуҷҷати тиббӣ, ду нусха шиносномаи волидайн, шаҳодатномаи ақди никоҳ ва маълумотнома аз ҷой зист талаб карда мешаванд.

Тибқи Барномаи омода намудани кӯдакони 7-сола ба таҳсил ба синфи 1-ум (барои як моҳ), ки бо Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, баъд аз номнавис гардидани хонандагон аз 1 август оғоз мешавад. Дар ин давра ба хонандагони синфи якум давраи шиносоӣ гузаронида мешавад.

•ДАР ИН ШУМОРА:•

*Муаллим роҳнамои аҳли башар аст* саҳ. 6

*Ташаккули тафаккури хонандагон* саҳ. 7

*Баъзе масъалаҳои назарияи инъикос ва ҳатшиносии криминалистӣ* саҳ. 8-9

*Шогирдони донишманду кордон* саҳ. 11

## ТАЪЙИНОТ

**ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

*аз 10 июни соли 2022, №288, ш. Душанбе*

Дар бораи директори Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» таъин намудани Одиназода Р.С.

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:**

**Одиназода Рамазон Сафар** директори Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**

**ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

*аз 10 июни соли 2022, №290, ш. Душанбе*

Дар бораи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» таъин намудани Раҳмон Д.С.

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:**

**Раҳмон Дилшод Сафарбек** ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**

**ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

*аз 10 июни соли 2022, №289, ш. Душанбе*

Дар бораи ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» таъин намудани Ибодуллозода А.И.

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:**

**Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло** ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**

**ҚАРОРИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

*аз 10 июни соли 2022, №291, ш. Душанбе*

Дар бораи директори Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон» таъин намудани Қодирӣ И. М.

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:**

**Қодирӣ Илҳомҷон Маҳмадзода** директори Муассисаи давлатии таълимии «Мактаби президентӣ барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон» таъин карда шавад.

**Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**

**АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Шодиниё Абдулвосит Шодӣ** муовини якуми директори Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**

*ш. Душанбе*
*10 июни соли 2022*
*№АП-216*

**АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Олимҷонзода Уктам Олимҷон** муовини директори Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон**

*ш. Душанбе*
*10 июни соли 2022*
*№АП-217*

## ПИРӮЗӢ

# 39 медали хонандагон дар олимпиадаи байналмилалӣ

Дар натиҷаи ҷамъбасти даври ниҳоии олимпиадаи байналмилалии «IQ-FISO» ба хонандагони мактабҳои вилояти Суғд муяссар гардид, ки 39 медали тилло, нуқра ва биринҷиро дар ин олимпиада ба даст оваранд.

28 майи соли ҷорӣ олимпиадаи байналмилалии «IQ-FISO» тариқи фосилавӣ аз фанни мантиқ баргузор гардида, аз ҷониби кумитаи тадорукоти озмун натиҷаи бадаствардаи хонанадагон расман эълон гардид.

Дар озмуни мазкур 1271 нафар хонанда аз 20 давлати дунё иштирок намудаанд. Дар ин олимпиада 71 нафар хонандаи муассисаҳои таълимии вилоят – мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Бӯстон, литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хуҷанд ва мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №4-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар 5 категорияи синнусолӣ иштирок намуданд. Хонандагони мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Бӯстон 35 медал, литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хуҷанд, 3 медал ва мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №4-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 1 медал ба даст овcovered.

## ДОВТАЛАБ – 2022

# Ҷадвали баргузории имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ

*(Аввалаш дар саҳ.1)*

имтиҳонсупориашон тоҷикӣ буда, рақамҳои назоратияшон бо рақами тоқ тамом мешавад ва ҳамаи довталабони забони имтиҳонсупориашон русӣ;

** рӯзи дуюм – барои довталабоне, ки забони имтиҳонсупориашон тоҷикӣ буда, рақамҳои назоратияшон бо рақами ҷуфт тамом мешавад.

**2. Қисми Б (имтиҳон дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ – синфи 9-ум):**

| Р.т. | Гурӯҳи ихтисосҳо | Таърихи баргузории имтиҳон |
|---|---|---|
| 1 | Табиӣ ва техникӣ | 07.07.2022 |
| 2 | География ва иқтисод | |
| 3 | Филология, педагогика ва санъат | |
| 4 | Ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ | |
| 5 | Тиб, биология ва варзиш | |

**3. Қисми В (имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус) – аз 1-ум то 8-уми июл дар муассисаҳои таълимии дахлдор.**

**4. Г.1 (имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ) барои довталабони филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе:**

| Ихтисос | Машварат | Таърихи баргузории имтиҳон | |
|---|---|---|---|
| 010302 – «Математикаи амалӣ ва информатика» | Математика 03.07.2022, 15:00<br>Забони русӣ 07.07.2022, 15:00 | Математика (хаттӣ) 04.07.2022 | Забони русӣ (хаттӣ) 08.07.2022 |
| 050301 – «Геология» | Математика 03.07.2022, 15:00<br>Забони русӣ 07.07.2022, 15:00 | Математика (хаттӣ) 04.07.2022 | Забони русӣ (хаттӣ) 08.07.2022 |
| 380304 – «Идоракунии давлатӣ ва мунисипалӣ» | Математика 03.07.2022, 15:00<br>Забони русӣ 07.07.2022, 15:00 | Математика (хаттӣ) 04.07.2022 | Забони русӣ (хаттӣ) 08.07.2022 |
| 040302 – «Химия, физика ва механикаи мавод» | Химия 02.07.2022, 15:00<br>Забони русӣ 07.07.2022, 15:00 | Химия (хаттӣ) 03.07.2022 | Забони русӣ (хаттӣ) 08.07.2022 |
| 450302 – «Лингвистика» | Забони англисӣ 30.06.2022,17:00<br>Забони русӣ 06.07.2022, 15:00 | Забони англисӣ (хаттӣ) 01.07.2022 | Забони русӣ (хаттӣ) 07.07.2022 |
| 410305 – «Муносибатҳои байналхалқӣ» | Таърих 01.07.2022, 15:00<br>Забони русӣ 06.07.2022, 15:00 | Таърих (хаттӣ) 02.07.2022 | Забони русӣ (хаттӣ) 07.07.2022 |

**II. ДАВРИ ИЛОВАГӢ**

**1. Қисми А (имтиҳон дар заминаи таҳсилоти умумӣ – синфи 11-ум):**

| Р.т. | Гурӯҳи ихтисосҳо | Таърихи баргузории имтиҳон |
|---|---|---|
| 1 | Табиӣ ва техникӣ | 12.07.2022 |
| 2 | География ва иқтисод | |
| 3 | Филология, педагогика ва санъат | |
| 4 | Ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ | |
| 5 | Тиб, биология ва варзиш | |

**2. Қисми Б (имтиҳон дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ – синфи 9-ум):**

| Р.т. | Гурӯҳи ихтисосҳо | Таърихи баргузории имтиҳон |
|---|---|---|
| 1 | Табиӣ ва техникӣ | 12.07.2022 |
| 2 | География ва иқтисод | |
| 3 | Филология, педагогика ва санъат | |
| 4 | Ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ | |
| 5 | Тиб, биология ва варзиш | |

**3. Қисми В (имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус) – рӯзҳои 9-ум ва 10-уми июл дар муассисаҳои таълимии дахлдор.**

**4. Г.1 (имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ барои довталабони филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе):**

| Ихтисос | Машварат | Таърихи баргузории имтиҳон | |
|---|---|---|---|
| 010302 – «Математикаи амалӣ ва информатика» | Математика 03.07.2022, 15:00<br>Забони русӣ 07.07.2022, 15:00 | Математика (хаттӣ) 09.07.2022 | Забони русӣ (хаттӣ) 10.07.2022 |
| 050301 – «Геология» | Математика 03.07.2022, 15:00<br>Забони русӣ 07.07.2022, 15:00 | Математика (хаттӣ) 09.07.2022 | Забони русӣ (хаттӣ) 10.07.2022 |
| 380304 – «Идоракунии давлатӣ ва мунисипалӣ» | Математика 03.07.2022, 15:00<br>Забони русӣ 07.07.2022, 15:00 | Математика (хаттӣ) 09.07.2022 | Забони русӣ (хаттӣ) 10.07.2022 |
| 040302 – «Химия, физика ва механикаи мавод» | Химия 02.07.2022, 15:00<br>Забони русӣ 07.07.2022, 15:00 | Химия (хаттӣ) 09.07.2022 | Забони русӣ (хаттӣ) 10.07.2022 |
| 450302 – «Лингвистика» | Забони англисӣ 30.06.2022,17:00<br>Забони русӣ 06.07.2022, 15:00 | Забони англисӣ (хаттӣ) 09.07.2022 | Забони русӣ (хаттӣ) 10.07.2022 |
| 410305 – «Муносибатҳои байналхалқӣ» | Таърих 01.07.2022, 15:00<br>Забони русӣ 06.07.2022, 15:00 | Таърих (хаттӣ) 09.07.2022 | Забони русӣ (хаттӣ) 10.07.2022 |

**Дар шаҳри Кӯлоб дар мавзуи «Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини амнияти миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити тағйирпазирии ҷаҳон» ҳамоиш доир шуд.**

БУНЁДКОРӢ

# Ифтитоҳи ду кӯдакистон дар Душанбе



***08.06.2022 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ Муассисаи таълимии томактабии хусусии «Cherry Kid'S Academy»-ро, ки дар кӯчаи Туниси пойтахт воқеъ аст, мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.***

Раиси шаҳри Душанбе нахуст бо бардоштани парда ба кори кӯдакистон оғоз бахшида, бо шароити фароҳамовардаи таълиму тарбия дар кӯдакистони мазкур шинос гардиданд.

Муассисаи томактабии мазкур аз се ошёна иборат буда, барои ба таълиму тарбия фаро гирифтани 150 нафар кӯдак дар 9 гурӯҳи синну соли гуногун пешбинӣ шудааст. Кӯдакистон дар масоҳати 0,24 га бо тарҳи замонавӣ сохта шудааст ва ҳар як гурӯҳи таълимӣ бо ҷойи хоб, се ҷойи дастурӯйшӯӣ муҷаҳҳаз мебошад. Ҳамчунин, утоқҳои кории ёрирасон, аз қабили логопед, методӣ, тиббӣ, муҳосибот, ҳуҷраи либосшӯӣ, утоқи мудир, толори варзишӣ, толори мусиқӣ ва ошхона бо 150 ҷойи нишаст мавҷуд мебошанд. Дар саҳни ҳавлӣ ҳавзи оббозӣ ва нуҳ майдонча барои бозии кӯдакон омода карда шудааст. Дар муассиса 35 нафар корманди таълимӣ ва техникӣ бо ҷойи кор таъмин мебошанд.

Таълиму тарбия дар кӯдакистон пурра ба забони англисӣ аз рӯйи барномаҳои таълимии ҷаҳонӣ STEAM (Science, Technology, Engineering, Art and Math), IYCS (International yearly curriculum) ва CAMBRIDGE ба роҳ монда шуда, мутахассисони он дорои маълумоти олии касбӣ ва сертификати байналмиллалии «Cambridge» мебошанд.

Ҳамчунин, Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар кӯчаи Ломоносови ноҳияи Сино Муассисаи томактабии хусусии «Душанбе Монтессори»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд. Масоҳати умумии иншоот 1632 метри мураббаъро ташкил дода, аз се ошёна иборат аст ва барои ба таълиму тарбия фаро гирифтани 150 нафар кӯдак пешбинӣ шудааст.

Иттилоъ дода шуд, ки дар муассисаи нав омӯзиш бо забонҳои русӣ, англисӣ ва ҳамчунин, тоҷикӣ ба роҳ монда шуда, аз рӯи барномаи Мария Монтессорӣ ба кӯдакон таълим дода мешавад.

Иншоот дорои ошхона бо 120 ҷойи нишаст, анбор барои нигоҳдории маводи хӯрокворӣ, ҷомашӯӣ, толори варзишӣ, толори фарҳангӣ, синфхонаҳои таълимӣ, аз ҷумла, забони англисӣ, арифметикаи зеҳнӣ, толори мусиқӣ, толори машғулият, ҷойҳои хобу истироҳат, ҳуҷраҳои корӣ, маркази хизматрасонии тиббӣ, 4 синфхонаи таълимии ёрирасон барои зергурӯҳҳо — логопед, мусаввирӣ, мусиқӣ, равоншинос мебошад.

Раиси шаҳри Душанбе масъулинро вазифадор намуданд, ки пеш аз ҳама, дар самти баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, тарбияи кӯдакону наврасон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, таъмини шароити хуби тарбия ва риояи қоидаҳои беҳдоштии кӯдакон диққати аввалиндараҷа зоҳир намоянд.

БАРРАСӢ

# Ҷаласаи Шурои директорон

***Ҷаласаи Шурои директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар асоси низомномаи Шуро ва нақшаи солона ба роҳ монда, санаи 10-июни соли равон дар коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ ҷаласаи навбатии Шуро баргузор гардид.***



Дар ҷаласа муовини Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Лутфия Абдулхолиқзода, намояндаи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Тибқи нақшаи кории ҷаласаи директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои зерин дар ҷаласа мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтанд:

1.Фаъолияти раиси Шуро дар давраи солҳои 2017-2021.

2.Интихоби ҳайати нав, раис ва муовини раиси Шурои директорон барои панҷ соли оянда.

3.Таҳия ва тасдиқи нақшаи кории Шуро барои соли 2022.

4.Тартиби гузаронидани аттестатсияи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ.

5.Тартиби пардохти музди меҳнати кормандону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ тибқи низомнома.

6.Мушкилоти ҷойдошта дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва роҳҳои бартараф намудани онҳо

7.Муаррифии директорони навтаъин ва шомил намудани онҳо ба аъзои раёсати Шурои директорон барои соли 2022.

Дар ҷаласа муовини Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Лутфия Абдулхолиқзода қайд кард, ки дар амал татбиқ намудани сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳар яки мову шумо маҳсуб меёбад.

Бояд қайд намуд, ки дар ҷаласа барои бозҳам фаъолияти хуби Шурои директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар давоми 5 соли оянда ба вазифаи раиси Шурои директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ директори коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе Н.Ширинзода ва ба вазифаи муовини раиси Шурои директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ директори коллеҷи омӯзгории ба номи Хосият Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ Л.Одиназода таъйин гардид.

АТТЕСТАТСИЯ

# Натиҷаҳо қонеъкунандаанд

Дар муассисаҳои таълимии кишварамон аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм бо маром идома ёфта истодааст. Бо мақсади шиносоӣ аз ҷараёни аттестатсияи хонандагон аз муассисаҳои таълимии шаҳри Кӯлоб дидан намудем. Дар муассисаи таълимии №11 директораш (С. Шомуродов) хонандагони синфи 11 (б, в) аз фанни химия (тест) ва хонандагони синфи 11а, ки аз рӯйи равияи ҷамъиятӣ-гуманитарӣ таҳсил мекунанд, аз фанни забони хориҷӣ (шифоҳӣ) имтиҳонро дар соати 8 оғоз намуданд. Маводи имтиҳонотӣ пурра таъмин буд. Дар синфҳои 4 (а, б, в, г) имтиҳони гузараш аз фанни забони модарӣ (диктант) идома дошт. Тавре ки директори муассисаи таълимии №40-и Ҷамоати деҳоти Кӯлоб Г. Одинаева иброз дошт, имсол омодагии хонандагон ба аттестатсия дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда буд. Аз 87 нафар хонандаи синфҳои 9 (а, б, в) аз фанни адабиёт (эссе) (муаллимаш Ш. Хоҷаназарова) баҳои «5» 13 нафар, 33 нафар баҳои «4» ва 41 нафар баҳои «3» гирифтанд. Дар синфи 11б аз фанни таърих (тест) (муаллимаш Г. Заробова) чунин аст: аз 22 нафар хатмкунандаи синфи 11а, 10 нафар баҳои «5» 12 нафар баҳои «4» ва 10 нафар баҳои «3» гирифтанд, ки натиҷаи қаноатбахш мебошад. Дар муассисаи таълимии №52–и шаҳр (директораш Р. Абдуллозода) натиҷаи имтиҳони хатм дар синфҳои 11 (а, б, в,) аз фанни химия (тест)



чунин аст: аз 94 нафар хонанда 17 нафар баҳои «5», 30 нафар баҳои «4» ва 47 нафар баҳои «3» гирифтанд. Дар синфҳои 9 (а, б, в, г) аз фанни адабиёт (эссе) раиси комиссияи аттестатсионӣ: Г.Қурбонназарова, муаллими аттестатсиягиранда Ҳ.Бобоева ва ёвар К.Бобоева буданд. Натиҷаи аттестатсия чунин аст: аз 116 нафар хонанда 20 нафар баҳои «5», 31 нафар баҳои «4» ва 65 нафар баҳои «3» гирифтанд.Баъдан ҷараёни аттестатсияро дар муассисаи таълимии №51-и шаҳр, директораш (Н. Ҳақназаров) ба мушоҳида гирифтем. Натиҷаи аттестатсияи хатм аз рӯи равияи ҷамъиятӣ-гуманитарӣ дар синфҳои 11 (а, в) аз фанни таърихи халқи тоҷик (тест) чунин аст: аз 51 нафар хонанда 7 нафар баҳои «5», 30 нафар баҳои «4» ва 30 нафар баҳои «3» гирифтанд.Дар синфҳои 9 (а, б, в) аз фанни адабиёт (эссе) аз 82 нафар хонанда 13 нафар баҳои «5», 33 нафар баҳои «4» ва 36 нафар баҳои «3» гирифтанд.

***Шариф АБДУЛҲАМИД, «Омӯзгор»***

ДАСТОВАРД

# Хонандаи литсей – соҳиби гранти омӯзишӣ

Хонандаи синфи 11-уми литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хуҷанд Маҳлиёхон Авзалова дар озмунҳои донишгоҳҳои Амрико ва Булғористон дар соли 2022 иштирок намуда, соҳиби гранти омӯзишӣ ба маблағи беш аз 96 ҳазор доллари амрикоӣ ва имтиёзи таҳсили ройгон дар 3 Донишгоҳи бонуфузи кишвари Амрико, Булғористон ва Осиёии Марказиро ба даст овард.

Донишгоҳҳои бонуфузи Амрико, аз ҷумла, Донишгоҳи Крейтен дар иёлати Небраска, Донишгоҳи Амрикоии Булғористон ва Донишгоҳи Амрикоии Осиёи Маркази бо ирсоли мактуби расмӣ эълони омодагии қабули хонандаи тоҷикро тариқи буҷавӣ(ройгон) намуда, изҳори умед намуданд, ки ӯ ҳангоми интихоб донишгоҳҳои онҳоро қабул мекунад.

Лозим ба таъкид аст, ки донишгоҳҳои мазкур ба гурӯҳи донишгоҳҳои бонуфузи олам шомил шуда, 4 соли омӯзиш дар ин донишгоҳҳо наздик ба 100 ҳазор доллари амрикоӣ мебошад.

Ҷоиз ба зикр аст, ки дар литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Хуҷанд омӯзиши фанҳои дақиқ бо забони англисӣ ба роҳ монда шуда, ин амр имкон медиҳад, хонандагон бо баробари аз худ намудани забонҳои хориҷӣ дар озмуну олимпиадаҳои сатҳи ҷаҳонӣ иштирок намуда, шарафи кишварро дар арсаи ҷаҳонӣ шоиста муаррифӣ намоянд.

**Дар шаҳри Душанбе бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ ҳамоиши маърифатӣ баргузор гардид.**

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ

# Боздид аз муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

***8-уми июни соли ҷорӣ бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати бартараф кардани камбудиву мушкилоти соҳа, инчунин, назорати рафти баргузории аттестатсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатми хонандагон, омодагии муассисаҳои таълимӣ ба анҷоми соли таҳсил муовини вазири маориф ва илм З. Абдулзода аз муассисаҳои таҳсилоти умумии №1 ва №52-и ноҳияи Исмоили Сомонӣ дидан намуд.***

Нахуст, муовини вазир ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №52 ташриф овард. Иттилоъ дода шуд, ки бинои асосии муассисаи мазкур соли 1964 барои 980 нафар ва бинои дуюм соли 1985 барои 600 нафар сохта шудааст. Биноҳои муассиса соли 2015 аз таъмири асосӣ бароварда шуда, айни ҳол дар муассиса 57 нафар омӯзгор фаъолият менамояд.

Зимни боздид муовини вазири маориф ва илм аз кабинети методии муассиса дидан намуда, бо омӯзгорон, хусусан, омӯзгорони ҷавон суҳбати самимӣ анҷом дод. Ҳамзамон, ба маъмурият ва роҳбарони синф ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои бамушоҳидарасида дар самти номураттабии китоби фармоишҳо (сариваќт ба тасвиб расонидани фармоишҳо ва мувофиқат накардани мӯҳлатҳои онҳо, мавҷуд набудани фармоишҳо оид ба амалигардонии қарорҳои шӯрои педагогӣ, бе фармоиш ба аттестатсия роҳ додани хонандагон) ва тибқи талабот ба роҳ мондани аттестатсия дастуру супоришҳои мушаххас дод. Дар рафти суҳбат, инчунин, ҷиҳати риояи нагардидани меъёри баҳогузорӣ ва баррасӣ нагардидани Дастурамали аз аттестатсия гузаронидани хонандагон изҳори нигаронӣ карда шуд, зеро новобаста аз таъкиду дастури Сарраёсати маорифи шаҳр ва бахши маорифи ноҳия санади мазкур дар байни омӯзгорон ва хонандагону падару модари хонандагони синфи 11-Б корбарӣ нашудааст.



Зеро муайян гардид, ки муошírати байниҳамдигарии хонандагон ва риояи либоси тавсиявӣ дар муассиса дар сатҳи зарурӣ қарор надорад. Таъкид гардид, ки бояд робита бо падару модарон таҳким бахшида шавад.

Дар муассисаҳои таълимии болозикр муовини вазир доир ба иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти омоданамоии мутахассисони босаводу донишманд ва истифодаи усулҳои нави таълим ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот ёдовар шуда,

Сипас, муовини вазир З.Абдулзода аз муассисаи таҳсилоти умумии №1, ноҳияи Исмоили Сомонӣ боздид ба амал овард.

Дар ин муассиса ба маъмурият ва ба омӯзгорон ҷиҳати боло бурдани сатҳи маърифатнокии хонандагон ва риояи Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагон дастурҳои қатъӣ дода шуд. ҳамзамон, зикр кард, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, бевосита вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода ҷиҳати баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа, татбиқи барномаҳои давлатӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва чанде дигар як қатор тадбирҳои судманд роҳандозӣ гардида истодааст.

## Вохӯрии муовини вазир бо гурӯҳе аз кормандони масъул

Дар толори раёсати маорифи вилояти Суғд вохӯрии муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Зиёдулло Абдулзода бо кормандони раёсати маориф, директорони марказҳои таҳсилоти иловагӣ, дарёфт ва рушди истеъдодҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят баргузор гардид.



Дар оғоз сардори раёсати маорифи вилояти Суғд Мадина Набизода ибрoз дошт, ки яке аз роҳҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дарёфти хонандагони боистеъдод вусъат бахшидани фаъолияти марказҳои таҳсилоти иловагӣ, дарёфт ва рушди истеъдодҳо ба ҳисоб меравад.

Сипас, муовини вазири маориф ва илм З. Абдулзода доир ба дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода дар самти баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеа, истифодаи усулҳои нави таълим дар дарс, зиёд намудани теъдоди маҳфилҳо ва фарогирии бештари хонандагон, тақвияти бахшидани ҳаракати олимпӣ, дарёфту хавасманд намудани хонандагони болаёқат ва қадрдониву арҷгузории омӯзгорони андешаронӣ намуд.

Дар баробари ин, муовини вазир таъкид намуд, ки бояд фаъолияти марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо густариш ёфта, теъдоди маҳфилҳои фаннии табиӣ ва риёзию дақиқ зиёд гардида, марказҳо бо бинои алоҳида ва таҷҳизоти техникии замонавӣ таъмин карда шаванд.

Баъди анҷоми вохӯрӣ муовини вазири маориф ва илм З. Абдулзода аз Маркази таҳсилоти иловагии вилоят дидан намуда, бо роҳбарони маҳфилҳо суҳбат орост. Иттилоъ дода шуд, ки фарогирии хонандагон ба маҳфилҳо аз 3,5 фоизи семоҳаи якуми соли ҷорӣ ба 15 фоиз расонида шудааст. Инчунин, зимни боздид аз марказ муовини вазир аз иҷрои дастуру супоришҳое, ки дар ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илм оид ба ҷамъбасти фаъолияти вазорат дар семоҳаи якуми соли 2022 ироа гардида буд, изҳори қаноатмандӣ намуд ва барои боз ҳам таҳким бахшидани фаъолияти марказ тавсияҳои судманд пешниҳод кард.

ҲАМКОРӢ

# Даҳумин намоишгоҳ-ярмаркаи «Таҳсилоти Россия-Тоҷикистон-2022»

***10-уми июни соли ҷорӣ дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон даҳумин намоишгоҳ-ярмаркаи байналмилалии "Таҳсилоти Россия-Тоҷикистон-2022" дари худро барои ҷавонони тоҷик-довталабони муассисаҳои***



***таҳсилоти олии Федератсияи Россия боз намуд, ки дар он намояндагии 34 муассисаи таҳсилоти олии Федератсияи Россия - Донишгоҳи давлатии забоншиносии Нижний Новгород ба номи Н.А.Добролюбов, Донишгоҳи федералии Сибир, Донишгоҳи давлатии техникии Омск, Донишгоҳи давлатии Вятка, Донишгоҳи давлатии идоракунии системаҳои радио ва радиоэлектроника, Донишгоҳи давлатии иқтисодии Урал, Донишгоҳи давлатии Комсомоли соҳили Амур, Донишгоҳи политехникии Москва, Донишгоҳи федералии Қазон, Филиали Муассисаи давлатии таҳсилоти олии федералии «МИРЭА - Донишгоҳи технологии Россия» дар Ставрополь, Донишгоҳи давлатии технологияҳо ва дизайни Санкт-Петербург ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии Россия ба кори худ шурӯъ кард.***



Қабл аз оғози намоишгоҳ-ярмарка дар толори ошёнаи сеюми Китобхонаи миллии Тоҷикистон бо иштироки ректорон ва намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии ҳарду кишвар мулоқот доир гардид, ки дар он Л. Абдулхолиқзода – муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Игор Лякин-Фролов - сафири фавқулода ва мухтори ФР дар Тоҷикистон, П.А. Шведсов – муовини Маркази илм ва фарҳанги Россия - "Россотрудничества"-и Федератсияи Россия ва И.С. Иванов - директори намояндагии Маркази илм ва фарҳанги Россия - "Россотрудничества" дар Душанбе сухан гуфтанд.

Ҳамзамон, иттилоъ дода шуд, ки ҳамасола ҳадаф аз ташкили чунин намоишгоҳ-ярмарка фароҳам овардани имкон барои хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, донишҷӯён, довталабон ва хоҳишмандоне мебошад, ки мехоҳанд таҳсилро дар донишгоҳҳои Федератсияи Россия идома диҳанд.

Сипас, бо иштирокдорони намоишгоҳ-хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, довталабон ва волидайн мулоқоти намояндагони Вазорати маориф ва илм ва Маркази илм ва фарҳанги Россия - "Россотрудничество" баргузор гардида, бо буридани лентаи рамзӣ иштирокдорон аз намоишгоҳ дидан карданд.

Дар рафти намоишгоҳ намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии Россия ба хоҳишмандон дар бораи шароити қабул, таҳсил ва таҷрибаомӯзӣ, барномаҳои ҷалби донишҷӯёни хориҷӣ, шароити зист дар давраи таҳсил, истироҳат ва стипендияҳои муассисаҳо маълумот дода, ба суолҳои довталабон посухҳои мушаххас медоданд.

Ёдовар мешавем, ки даҳумин намоишгоҳ-ярмаркаи байналмилалии "Таҳсилоти Россия-Тоҷикистон-2022" рӯзҳои 10-11-уми июн дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон доир гардида, сипас, рӯзи 13-уми июн дар Қасри ҷавонон дар шаҳри Хуҷанд кори худро идома бахшид, ки хонандагону донишҷӯён ва хоҳишмандон дар он иштирок карданд.

***Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм***

НИЗОМ

# Сифати таҳсилот: мушкилот ва дурнамо

***Чанде қабл бо ибтикори шуъбаи инноватсия ва технологияи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар мавзуи «Мушкилот ва роҳҳои беҳтарсозии сифати таҳсилот» мизи мудаввар баргузор гардид. Нахуст Президенти АТТ, профессор М.Саломиён сухан ронда, аз ҷумла, зикр намуд, ки соҳаи маориф дар ҷумҳурӣ тайи солҳои охир дар заминаи дастгирию иқдомоти дилсӯзонаи Президенти мамлакат, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушду такомул ёфта, дар низому шеваҳои таълим ислоҳот ва дигаргуниҳои бузурге ба амал омаданд.***

Тадбирҳои амалие, ки аз ҷониби Ҳукумат ва Давлат дар ин самт андешида шудаанд, дар назди кормандони соҳа ва дар умум, аҳли маориф вазифа мегузорад, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсил ва донишазхудкунии хонандагон саъйю талош намуда, корҳои судбахшу муассирро анҷом диҳанд, ки таъсиси шуъбаи назорати сифати таҳсилот дар Вазорати маориф ва илми кишвар ва фаъолияти чандинсолаи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамин қабил ба шумор меравад. Сипас, номзади илмҳои филология, сармутахассиси шуъбаи инноватсия ва технологияи таълими АТТ Азим Байзоев дар мавзуи «Мушкилоти муайян намудани сифати таҳсилот ва роҳҳои баланд бардоштани он» маърӯза карда, аз ҷумла, қайд намуд, ки то имрӯз дар хусуси мафҳуми сифати таҳсилот фикрҳо гуногун буда, тавсифи ягонаю мушаххаси ин мафҳум вуҷуд надорад. Барои муайян намудани сифати таҳсилот таърифҳои зиёде истифода шудаанд. Дар фарҳангу луғатномаҳои педагогию методӣ ва дидактикӣ ин мафҳум ба сурати зайл тавсиф шудааст: мутобиқати таҳсилот ба талабот ва меъёрҳо (стандартҳо)-и дар соҳаи маориф қабулшуда, сатҳи муайяни донишҳо ва малакаҳо, рушди ақлонӣ, маънавӣ ва ҷисмонӣ, ки онро хонандагон дар зинаҳои муайяни таҳсилот вобаста ба ҳадафҳои нақшавӣ ба даст меоранд, мутобиқати донишҳои андӯхта барои истифодаи онҳо дар вазъиятҳои мушаххас барои ба даст овардани ҳадафҳои мушаххас ва баланд бардоштани сифати фаъолият. Сифати таҳсилот аз рӯйи истифодаи донишҳои андӯхта дар бозори меҳнатӣ муайян карда мешавад. Номбурда дар идома зикр намуд, ки сифати таҳсилот категорияи педагогӣ – иҷтимоиест, ки ҳолат ва самарабахшии ҷараёни таълиму тарбия ва мутобиқати онро ба стандарту барномаҳои таҳсилот ва талаботу ниёзмандиҳои ҷомеа дар самти ташаккул ва рушди салоҳиятмандиҳои шаҳрвандӣ, иҷтимоӣ ва касбии шахсият муайян менамояд. Ба омилҳо ва нишондиҳандаҳои муайянкунандаи сифати таҳсилот мазмуни таҳсилот, китобҳои дарсӣ, маводи иловагии таълим ва сатҳи таъминот бо онҳо, шаклу методҳои таълим, аз ҷумла, методҳои навоварона ва иттилоотӣ, заминаҳои моддӣ-техникӣ, ҳайати кадрӣ, донишомӯзон (хонандагон, донишҷӯён), инфрасохтори муассисаи таълимӣ ва ташкили ҷараёни таълим дохил мешавад. А.Байзоев дар хотима таъкид намуд, ки бояд механизми баргардониши нишондиҳандаҳои миқдорӣ ба нишондиҳандаҳои сифатӣ муайян ва мушаххас гардад, барномаҳои компютерии таъсири мутақобилаи ин омилҳо таҳия ва истифода шаванд. Мутаассифона, то имрӯз ду омили асосии берунии таъсиррасон ба сифати таҳсилот ба назар гирифта намешавад, ки он таносуби тайёр кардани мутахассисони зинаи ибтидоӣ, миёнаи касбӣ ва таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб рафта, 100 ҳазор донишҷӯйи зинаи ибтидоӣ (миёнаи касбӣ) дар баробари бештар аз 215 ҳазор донишҷӯйи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қарор дорад. Бояд ин нишондиҳанда баръакс бошад. Ҳамчунин, шаффофияти бозори меҳнат, сиёсати шаффофи кадрӣ аз мушкилоти сангини замони мост. Агар донишҷӯ итминон дошта бошад, ки барои бо кор таъмин гардидан меъёри асосӣ сатҳи дониш ва салоҳиятмандии ӯ мебошад, дар ҳама гуна шароит барои рушди салоҳиятҳои худ сахт кӯшо мешавад.



Перомуни масъалаи мазкур устоди ДМТ Кутбиддин Мухторӣ андешаҳояшро иброз дошта, хотиррасон намуд, ки дар ин раванд тарбияи ахлоқии хонандагон муҳим буда, ин омил дар муайян намудани сифати таҳсилот набояд аз мадди назар дур монад. Сармутахассиси АТТ Ҷамила Ҳакимова дар хусуси кӯдакони имконияташон маҳдуд ҳарф зада, қайд кард, ки сифати таҳсилот дар мавриди муассисаҳое, ки ба таълиму тарбияи ин гурӯҳ хонандагон машғуланд, бояд муайян ва мушаххас карда шавад. Ноиби президенти АТТ, академик Ирина Каримова зикр намуд, ки масъалаи сифати таҳсилот, ки дар маърӯзаи А.Байзоев хеле хуб таҳлил ва баррасӣ гардид, умда ва замонавӣ мебошад. Ба андешаи ӯ, сифати таҳсилот ба омилҳое, амсоли дастовардҳои инфиродии хонандагон, сатҳи баланди касбияти омӯзгорону устодон, директорони муассисаҳои таълимӣ ва ҷонишинони онҳо, фаъолияти инноватсионии муҳассилин, раванди идоракунии ҷараёни таълим ва ҳамзамон, интихоби огоҳмандонаи довталабон барои шомил шудан ба мактаби олӣ, сатҳу сифати таълим ва сифати дониши хатмкунандагони донишгоҳу донишкадаҳо иртиботи ногусастанӣ дорад. Директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти ҷумҳурӣ Икром Субҳонзода барои ноил гардидан ба сифати баланди таҳсилот омилҳоеро, аз қабили омода намудани мутахассисони омӯзгории касбии соҳиблаёқат, ҳавасмандгардонии хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ дар масъалаи шомил гардидани дохилшавандагон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ, пеш аз ҳама, баланд бардоштани музди меҳнати омӯзгорон, банақшагирии фаъолияти мушаххасу дурусти шуъбаю бахшҳои назорати сифати таҳсилот дар шаҳру навоҳӣ, дастрасии пурраи ҳар як хонанда ба китобҳои дарсӣ ва сифати китобҳои мазкур, фаъолияти ҷиддии назоратӣ аз ҷониби директорон, муайян кардани меъёри сифати таҳсилот, таҷдиди назар намудани меъёрҳои сатҳу сифати донишазхудкунии хонандагон ва ғайра муҳим ва созгор ба талаби давр ҳисобид. Ҳамчунин, дар атрофи масъалаи сифати таҳсилот профессори ДМТ Саъдуллоҷон Неъматов, узви вобастаи АТТ, профессори ДДЗТ ба номи С.Улуғзода С.Шербоев, доктори илмҳои педагогӣ Ф.Гулмадов, директори Маркази ҷумҳуриявии технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ А.Гулов, мудири шуъбаи ПРМ Д.Имомназаров, директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ, доктори илмҳои педагогӣ Л.Иматова, директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ Р.Мирзозода, директори муассисаи нашриявии «Маориф» К.Исозода ва мудири шуъбаи инноватсия ва технологияи педагогии АТТ, номзади илмҳои педагогӣ Сайфиддин Камолзода сухан ронда, пешниҳод намуданд, ки барои ҳалли масъалаи сифати таҳсилот санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул ва ба танзим дароварда шавад.

Дар фарҷом президенти АТТ М.Саломиён таъкид намуд, ки масъалаҳои баррасишуда набояд дар рӯйи коғаз боқӣ монанд, балки дар ниҳоду муассисаҳои дахлдори Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ мавриди натиҷагирӣ ва татбиқи амалӣ қарор дода шаванд.

***Шодӣ РАҶАБЗОД, «Омӯзгор»***

ҲАМОИШ

# Риояи қонун ва пешгирии ҷиноятҳо

***Дар ҷаласаи Шурои мутобиқсозии методӣ оид ба таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони назди раиси ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе, ки дар толори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи номбурда барпо гардид, аз хусуси як қатор камбудиҳои ҷойдошта дар соҳаҳои гуногун сухан рафт.***

Ҷунонки дар шуруи ҷаласа раиси ноҳияи Фирдавсӣ Фатҳиддин Усмонзода иттилоъ дод, Шурои мазкур бо мақсади иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, №691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997, №383, «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ», аз соли 2013 Шурои мутобиқсозии методӣ оид ба таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони назди раиси ноҳия таъсис дода шудааст.

Зикр гардид, ки ин ниҳод оид ба таълими волоияти қонун дар ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи дониши ҳуқуқии аҳолӣ, пешгирии қонуншиканиҳо фаъолияти Шурои ноҳиявӣ нақши муҳим мебозад. Шуро мақоми машваратии байниидоравӣ буда, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, шуъба ва бахшҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия, кумита ва идораҳои давлатӣ, ташкилотҳо, муассисаҳо ва васоити ахбори оммаро оид ба тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон мутобиқ месозад.



Прокурори ноҳияи Фирдавсӣ Фаррух Абдуқодирзода иттилоъ дод, ки мутаассифона, ҷиноятқорӣ дар ноҳия меафзояд. Масалан, дар панҷ моҳи соли ҷорӣ 518 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 52 ҳолат зиёд аст. Боиси таассуф аст, ки сӯиқасд ба худкушӣ ва худкушӣ дар байни ноболиғон низ ҷой дорад. Ф. Абдуқодирзода дар робита ба чунин амалҳои номатлуб мисолҳои амиқу дақиқ оварда, сабаби инро дар бетарафӣ ва фориғболии баъзе аз ниҳодҳои вобаста ба пешгирии чунин ҳолатҳо ва бепарвоии падару модарон арзёбӣ кард. Бино ба гуфти ӯ, аксари волидон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро сарфи назар мекунанд, ё бандҳои онро хуб аз бар накардаанд.

Суханронии муовини сардори шуъбаи – 1 ВКД дар ноҳияи Фирдавсӣ Сафаралӣ Довудзода ва муовини сардори шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ - 2 дар ноҳияи Фирдавсӣ Баҳовуддин Сафарзода низ шунида шуд.

Муовини якуми раиси ноҳия Шодимурод Аловиддинзода, ҳамзамон раиси комиссия оид ба қонунигардонии доороиҳо дар назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Фирдавсӣ, вобаста ба фаъолияти комиссия гузориш дод. Дар анҷоми чорабинӣ Шурои ноҳиявии мутобиқсозию методӣ оид ба таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони назди раиси ноҳияи Фирдавсӣ қарорҳои дахлдор қабул намуд.

***Ҳотами ҲОМИД, «Омӯзгор»***

**Дар шаҳри Кӯлоб даври вилоятии Фестивали ҷумҳуриявии «Сад ранги чакан» ҷамъбаст гардид.**

*Хушбахтиву саодат на подоши некӣ, балки худи некист.* Спиноза

«Омӯзгор» № 24, 16 июни соли 2022

АФКОР

***Падарам муаллим буд, муаллимони деҳаро дӯст медошт, бисёр мехост ман муаллим шавам. Муаллим шудам, муаллими алифбои ниёгон ва орзуи падарам ҷомаи амал пӯшид. 25 сол аст, ки фаъолияти омӯзгорӣ надорам, вале ҳар гоҳ ба деҳа равам, мардум бо ифтихор маро «муаллим» мегӯянд.***

# Муаллим роҳнамои аҳли башар аст

Падарам ҳеҷ гоҳ намехост, ки муаллим навбати пода равад, дар саҳро кор кунад, боз ба корҳои дигар машғул шавад. Ин воқеият аст, ман ба навбати пода бисёр рафтаам, алаф даравидаам, аз саҳро ғӯзапоя ҷамъоварӣ кардаам. Аммо ҳамаи инро ба ҳидояти падарам барои муаллимони деҳа кардам. Падарам ҳеҷ намехост, муаллимони деҳа як рӯзи дароз бо ҳамин корҳо банд шаванд.

Ҳеҷ аз хотирам намеравад, дар саҳро ғӯзапоя ҷамъоварӣ мекардем. Падарам ману бародаронамро супориш дод: «аввал ғӯзапояҳои муаллими Исмонқулро ҷамъоварӣ намоед. Муаллими Исмонқул танҳо як рӯз истироҳат дорад, рӯзҳои дигар дар мактаб аст. Бояд овораи кор нашавад. Дар мактаб фарзандони деҳа ӯро интизор...»

Ва ё мегуфт: «Говҳои муаллими Шералӣ Тӯрахон бе алаф намонад». Муаллими Шералӣ Тӯрахон, устоди падарам буд.

Дар тӯйю сурҳои хонаводагӣ, падарам муаллимони деҳаро аз боло гузаронда, таъкид мекард: «Муаллим мартабаи олимро дорад, балки болотар аз он».

Падарам ба орзуяш расид, аммо ҳавасашро надид, ҳаваси муаллимии маро дар мактаби деҳа. Дар курси аввал мехондам, ки зиндагиро падруд гуфт. Аммо васияташро ба ҷой овардам, муаллим шудам.

Боре падарам саволам дод: «Қаҳрамонро мешиносӣ?». Ман Восеъро мешинохтам, номи Восеъро гирифтам. Падарам табассум карду гуфт: «Дуруст гуфтӣ, Восеъ қаҳрамон аст, қаҳрамони халқ. Аммо қаҳрамонҳо дар ҷаҳон зиёданд, ҳазор, миллион ва зиёда аз он. Ҳамашон як ном доранд «МУАЛЛИМ».

Баъд дарёфтам, ки падарам дуруст гуфтаанд. Муаллимон қаҳрамонанд, қаҳрамони роҳи дониш, қаҳрамони роҳи таълиму тарбия ва қаҳрамони соҳибдониш намудани насли башар. Заҳмати софдилонаву содиқонаи муаллимон ҳамеша дар лавҳи хотири мо пойбарҷост...

Падарам, ки ба муаллиму мактаб муҳаббати зиёд дошт, дар мавсими обуна, пеш аз ҳама, ба рӯзномаи «Газетаи муаллимон» обуна мешуд. «Адабиёт ва санъат», «Садои Шарқ»-ро ҳам дӯст медошт.

Солҳои 80-ум аз ҳисоби муаллимони донишгоҳҳои ҷумҳурӣ, ҷамъияти «Дониш» дар байни кишоварзон маърӯза мекарданд. Соли 1985. Дар синфи 6-ум мехондам. Лекторони ҷамъияти «Дониш» ба деҳаи мо омаданд. Баъди анҷоми маърӯза, падарам ба яке аз лекторон савол дод: «бо писарам суҳбат намо, росташро гӯй, писарам дар оянда муаллим мешавад ё не?»

Инро ҳам дар ёд дорам. Падарам бори аввал ва охирон маротиба маро «беодоб» гуфт. Савори маркаб бо падарам ба саҳро мерафтем. Муаллими Шералӣ Тӯрахон дар сари роҳ буд, хостам пештар аз падарам



саломаш диҳам. Падарам гуфт, ҳеҷ мумкин нест, ин беэҳтиромӣ ба муаллим аст, муаллими ман, муаллими мактаби деҳа. Бояд муаллими Шералӣ Тӯрахон, пиёда наравад ва имрӯз ва рӯзҳои дигар то анҷом додани кораш, ҳамин маркаб дар ихтиёри муаллими Шералӣ Тӯрахон монад, барои анҷоми корҳои хоҷагиаш...

Имрӯз – чӣ? Савори мошинҳои гаронарзиш мегардем. Муаллимоне, ки сабақамон омӯхтаанд, пиёда барои анҷоми кори худ мераванд. Салом ҳам намедиҳем, саворашон намекунем. Чангу ғуборе, ки аз паси мошинамон мехезад, ба рӯйи муаллимро надидаем, намебинем...

Мо ҳамаро фаромӯш кардем. Мактабравӣ, мактабхониро низ. Муҳаббати доштаи падаронро нисбат ба муаллимон.

Бисёр мехоҳам, ки ягон муаллим фаромӯш нашавад. Муаллим қаҳрамон аст. Қаҳрамонро набояд фаромӯш кард. Дар бораашон бояд навишт, қиссаҳои рӯзгорашонро ёдоварӣ кард. Муаллим, ки фаромӯш шуд, ҷомеа ва худи мо фаромӯш мешавем.

Медонед, ба қадри муаллим расидан хеле осон аст. Як рӯз не, як соат ҳам не, танҳо ним соат муаллим шавед. Ба фарзандатон сабақ омӯзед, вазифа диҳед, пурсед. Аммо вақте ки фарзандатон чизеро надонист, асабӣ ҳам нашавед. Танҳо шукргузорӣ намоед, муаллим ҳаст, ки заҳмати зиёде барои фарзандони мо мекашад...

Аз ин рӯ, гуфтаниям, муаллимро дӯст доред, эҳтиром намоед. Барои ман қаҳрамони асосӣ муаллим маҳсуб меёбад. Ин қаҳрамонро дӯст медорам, эҳтиром мекунам.

Мегӯянд, ки омӯзгор то дами марг омӯзгор мемонад ва марги ӯ дарси дигаре барои инсонҳост.

Боз мегӯянд, ки омӯзгор барои омӯзиши башар аз Офаридгор дастур дорад ва бад-он мардумро ҳидоят менамояд.

Яъне барои ҳеҷ кас, дар ҳама давру замон ба ҷуз олим ва ё худ омӯзгор мақому мартабае баландтарро қоил набуданд. Ва ҳеҷ касро бештару беҳтар аз он гиромӣ намедоштанд. Ва худ омӯзгорон илмро бартар аз молу сарвати ҷаҳон донистаанд.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз 28 августи соли 1995 дар вохӯрӣ бо фаъолони соҳаи маорифи кишвар баён дошта буданд: «То замоне ки мо барои аҳли маориф, зиёиён, онҳое, ки оранда, парваришдиҳанда ва муҳофизи маънавиёт, ахлоқ ва маърифати ҷомеа ҳастанд, зиндагии сазовору шоистае муҳайё накунем, мақому мартабаи онҳоро ба дараҷае, ки мебояд, баланд набардорем, ба пешрафт умед бастанамон душвор аст»

... Муаллимро дӯст доред, хидматашро то метавонед, ба ҷо оред.

***Қурбоналӣ РАҲИМОВ,***
***корманди Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон***

МАСЪУЛИЯТ

# Нақши омӯзгор дар тарбияи хештаншиносӣ

Мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм яке аз вазифа ва уҳдадории ҳар як узви ҷомеа маҳсуб меёбад. Зеро хатари паҳншавии терроризм ба ҳамаи халқу миллатҳо, давлатҳо таҳдид менамояд.

Имрӯз бисёриҳо андеша доранд, ки дар самти пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои тундрав асосан оила ва мактаб масъул мебошанд. Аммо вазъи имрӯзаи ҷаҳон, зуҳуроти паҳншавии экстремизм ва терроризм дар шаклҳои гуногун моро ҳушдор медиҳад, ки дар мубориза бар зидди ин падидаи хатарноки ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд ҳама масъул бошем. Танҳо тавассути мубориза дастҷамъона пеши роҳи ин вабои асрро гирифтан мумкин аст. Албатта, маълум аст, ки дар мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм нақши муассисаи таълимӣ хеле назаррас аст.

Дар муассисаи таҳсилоти умумӣ ва ё таҳсилоти олии касбӣ нақши роҳбари синф – куратор дар тарбияи насли ҷавон басо арзишманд мебошад. Яке аз воситаҳои асосии тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худогоҳию хештаншиносӣ ва оштинопазирӣ нисбат ба экстремизм, самарабахш ба роҳ мондани чорабиниҳои тарбиявӣ, корҳои фаҳмондадиҳӣ ва дар сатҳи зарурӣ ташкил намудани дарсҳои тарбиявӣ мебошад. Ин ҷо зарур аст дар бораи тарзи дурусти ташкили дарси тарбиявӣ дар гурӯҳҳои таълимии муассисаи олии касбӣ андеша намоем.

Куратори гурӯҳи таълимӣ бояд ба дарси тарбиявӣ омодагии ҳамаҷониба дида бошад. Пеш аз ҳама, оид ба мафҳумҳои "терроризм", "экстремизм", "ифротгароӣ" тасаввуроти дониши илмӣ дошта бошад.

Оид ба ҳуҷҷату санадҳои қабул намудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус, муқовимат ба терроризм ва экстремизм ба донишҷӯён маълумот диҳад.

Тавре ки маълум аст, яке аз воситаҳои маъмул ва асоси тарбия – ин ташкили дарсҳои тарбиявӣ ба донишҷӯён аст. Зеро хислату сифатҳои ватанпарастӣ, ифтихори миллӣ, ҳифзи дастовардҳои ватан ва арзишҳои миллӣ маҳз дар ҳамин дарсҳо дар тафаккури донишҷӯён ташаккул дода мешавад. Аммо барои самаранок ташкил намудани дарсҳои тарбиявӣ кураторро зарур аст, ки ба дарс ҳамаҷониба омода бошад.

Ҳамин тавр, дар сатҳи баланд ва самарабахш ташкил намудани чорабиниҳои тарбиявӣ, аз ҷумла, дарсҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимӣ яке аз омилҳои дар руҳияи оштинопазирӣ ва нафрату адоват нисбат ба терроризм ва экстремизм тарбия намудани ҷавонон ба ҳисоб рафта, дар ин самт куратори гурӯҳи таълимӣ нақши назаррас мебозад.

***С.БОБОҶОНОВ,***
***устоди ДКМТ***

ҚАДРДОНӢ

Хобгоҳи №1-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ҷойгир аст, баъд аз таъмири асосӣ барои 30 нафар омӯзгор ва корманди ҷавони донишгоҳ ҳамчун манзили истиқоматии хизматӣ супорида шуд.

Дар маросими супоридани хонаҳои истиқоматӣ муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Матлубахон Сатториён, раиси кумитаи оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ Насиба Содиқӣ, муовини вазири маориф ва илми ҷумҳурӣ Лутфия Абдулхоликзода, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қобилҷон Хушвахтзода, намояндагони ХҲДТ ва масъулини ноҳияи Синои шаҳри Душанбе иштирок доштанд.

# 30 омӯзгор соҳиби манзили истиқоматӣ гардиданд

Муовини Сарвазири мамлакат М.Сатториён бошандагони хобгоҳро табрик намуда, афзуд, ки соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати созандаи Ҳукумати ҷумҳурӣ, хусусан, Пешвои муаззами миллат қарор гирифтааст ва дастгирии ин қишри ҷомеа зери таваҷҷуҳи махсус қарор дорад.

Зимнан гуфта шуд, ки табдил додани хобгоҳи мазкур ба бинои истиқоматӣ ва супоридани ҳуҷраҳои он ба омӯзгорон ва кормандони ҷавони донишгоҳ ҳамчун дастгирии навбатии Пешвои муаззами миллат дар доираи иҷрои нақшаи чорабиниҳои таҷлили 35-умин солгарди ҷашни Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста мешавад. Бояд гуфт, ки иқдоми мазкур дар партави сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва таваҷҷуҳи вижаи роҳбарияти олии кишвар ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон роҳандозӣ гардид. Дар маросими бастифодадиҳии хобгоҳи мазкур меҳмононро намояндагони донишгоҳ самимона истиқбол гирифта, дар саҳни хобгоҳ аз ҷониби фарзандони истиқоматкунандагон шеърҳо қироат шуданд. Баъдан меҳмонон аз чанд хонаҳои истиқоматӣ боздид намуда, ба шарту шароитҳои ҳуҷраҳо ва корҳои навсозӣ баҳои баланд доданд.

Дар саҳни бинои мазкур дар фазои тантанавӣ калиди хонаҳо ба истиқоматкунандагон супорида шуд ва онҳо барои дастгириҳои ҳамешагии Ҳукумати ҷумҳурӣ ва иқдоми неки роҳбарияти Донишгоҳи миллӣ изҳори сипос намуданд.

15 нафар устоду омӯзгори соҳаи фарҳанги Тоҷикистон дар курсҳои бозомӯзии Ӯзбекистон такмили ихтисос мекунанд.

ПЕДАГОГИКА

# Ташаккули тафаккури хонандагон

***Таҷрибаҳо собит кардаанд, ки барои инкишофи нутқи кӯдакон бояд аз замоне, ки онҳо дар муассисаҳои томактабӣ ба таълим фаро гирифта мешаванд, иқдом намоем. Зеро дар инкишофи нутқи мураттаби онҳо мураббия ва омӯзгорон, чунон ки мегӯянд, "хишти аввал"-ро мегузоранд. Албатта, дар ин масир кӯшиши волидайн истисно нест, зеро аксари онҳо ба инкишофи нутқи фарзандонашон аз хурдсолӣ аҳамият медиҳанд.***

Агар нутқи кӯдак бурро набошад, вай овозҳоро дуруст талаффуз карда наметавонад, мураббия (дефектолог) бо роҳи машқҳои пай дар пай онро ислоҳ мекунад. Барои ин маҷмуи талаффузҳо ҷиҳати машқ тавсия шудаанд, ки ба инкишофи шаклгирии овозҳо ва узвҳои нутқ ёрӣ мерасонанд. Ҳангоме ки мутахассисон ба дурустии талаффузи овозҳо машғул мешаванд, ё санҷиш сурат мегирад, пеш аз ҳама, ба тарзи талаффузи овозҳои садоноку ҳамсадо аҳамияти бештар дода мешавад.

Ислоҳи нутқи кӯдакон дар муддати кӯтоҳ амалӣ намегардад, он тадриҷан ислоҳ мешавад. Аммо то ин марҳила ҳанӯз душвориҳо ба назар мерасад. Омӯзгори ботаҷриба як қисмати кори муҳимро бо чунин хонандагон тавассути калимасозӣ ба роҳ мемонад. Дар умум, кӯдакон дар гуфтугӯ ва муошират тавассути калима фикри худробаён мекунанд, бинобар ин, барои онҳо калима ва ибораҳое заруранд, ки ба василаи онҳо мақсадашро ифода карда тавонанд. Омӯзгороне, ки барои ислоҳи нутқи шогирдашон заҳмат мекашанд, набояд аз кандаканда ҳарф задани шогирдон изҳори ташвиш намоянд, балки бачаҳоро рӯҳбаланд созанд, ки нутқи онҳо фаҳмо ва равон шудааст.

Инчунин, ба воситаи "Бозиҳои дидактикӣ" ташаккулу инкишофи нутқро амалӣ намоянд. Ба монанди, ғанӣ намудани захираи луғавии онҳо, тасвир сохтани сифату хусусияти ашё, тартиб додани чистонҳо ва ғайра.

Дар солҳои 20-уми асри гузашта педагоги рус Е.И. Тихеева нисбат ба бозиҳои дидактикӣ андешаи худро чунин иброз намуд: Бозиҳои дидактикӣ ҳодисаҳои табиат, муносибатҳои иҷтимоӣ, ашё, ки маҳсули дасти одамон ҳастанд, ворид гардиданд. Ҳамчунин маҷмуи маводи дидактикӣ, бозиҳои чопии рӯимизиро кор карда баромад, ки то имрӯз дар таҷрибаи амалии муассисаҳои томактабӣ истифода бурда мешаванд.



Бозиҳои дидактикӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд:

- бозиҳои дидактикии ашёӣ (бо ашё);
- бозиҳои дидактикии чопии рӯимизӣ;
- бозиҳои дидактикии шифоҳӣ;

Маводи дидактикӣ ба инкишофи нутқи кӯдакон ёрӣ мерасонад. Ба воситаи такрори маталиби дидактикӣ мавзуъҳои гузаштаро такрор намудан нутқи кӯдакон хуб инкишоф меёбад.

Инак намунаи машғулияти "Методикаи инкишофи нутқ"-ро пешкаши хонандагон менамоем.

**Мавзуъ:** "Панҷабозӣ"

**Мақсад:** Омӯзонидани иҷрои унсурҳои бозӣ мувофиқи мазмун.

Раванди дарс: Мураббӣ ба кӯдакон дасту панҷаҳояшро нишон дода, аз онҳо низ хоҳиш менамояд, ки аввал даст, баъд ангуштонашро тамошо кунанд. Баъд мураббӣ дасти кӯдакеро гирифта, ангуштони кӯдакро як-як дар каф қат карда мегӯяд:

**Ана, ин ангушт – ангуштча,**<br>
**Ин ангушт – модар,**<br>
**Ин ангушт – сарви баланд,**<br>
**Ин ангушт – нуқраи панҷ,**<br>
**Ин ангушт – аз ҳама калон.**

Мураббӣ саравал бозии мазкурро бо ҳар як кӯдак ва баъдан, бо 3-4 нафар ташкил мекунад. Бо кӯдакон саволу ҷавоб мегузаронад. Мураббӣ бояд кӯшиш кунад, ки ҳар як калимаро бурро ва дуруст талаффуз намояд, то ки тасаввуроти шунавоию захираи луғавии кӯдак бой гардад.

Ғайр аз ин, барои инкишофи нутқи фаъоли кӯдак ва шиносоӣ бо муҳит бозиҳои дидактикӣ ва машқҳо барои ташаккул додани диққат, хотира ва нутқ тавсия карда мешаванд. Машғулиятҳое, ки дар онҳо тамошо ва нишон додани расм ё ашё ба нақша гирифта шудааст, бояд ба таври мухтасар давом ёбад, зеро кӯдакон зуд монда мешаванд. Ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо муҳим аст, ки принсипҳои умумии дидактика риоя карда шавад, яъне аз осон ба мураккаб гузаштан ва ғайра. Вазифаи муҳими мураббӣ дар ин лаҳзаҳо аз мушоҳида баҳисобгирии суръату сатҳи фаҳмиши кӯдакон оид ба ин ё он мавзуъ аст.

Минбаъд вазифаҳо дар равиши таълим мураккаб гардонида мешаванд: кӯдак аз байни ашё дигар ашёи номбурдаро дарёфта онро бояд аз рӯи баъзе хосиятҳояш фарқ карда тавонад. Мураббӣ ба кӯдакон ёд медиҳад ва онҳоро бояд ашёи якхеларо новобаста аз ранг, ҳаҷм ба гурӯҳҳо ҷудо карда тавонад.

Инкишофи нутқи фаъол заҳмати зиёдеро талаб мекунад, аз ин рӯ, супоришҳо тавре дода мешаванд, ки кӯдак ҷавоби онҳоро бо як калима ифода карда тавонад.

***Саодат ТАЙҒУНОВА,***<br>
***мудири кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумии филиали ДҶТИБКСМ дар шаҳри Душанбе***

ЧОРАБИНӢ

# «Чил рӯзи ҳаёти кӯдакон»

***Дар боғи истироҳатӣ - фароғатии шаҳри Кӯлоб бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдак чорабинии идона бо иштироки тарбиятгирандагони кӯдакистони шаҳр баргузор гашт. Дар қисмати аввали чорабинӣ раиси шаҳр Назарзода Бахтиёр Худоёр ҳамроҳи меҳмонон аз дастовардҳои эҷодии кӯдакони муассисаҳои таълимию томактабӣ ва расмҳои кашидаи рассомони хурдсол, ки ба намоиш гузошта шуда буд, дидан намуданд. Сипас, раиси шаҳр ҷамъомади тантанавиро оғоз бахшида, аз ҷумла, гуфт:***



- Ҳамасола Рӯзи якуми июн дар кишварҳои ҷаҳон ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон таҷлил мегардад, ки Тоҷикистон низ аз шумораи чунин кишварҳост.

Бо мақсади тарбияи дурусти насли наврас ва дарёфти падидаҳои нав дар масъалаи ихтироъкорӣ ва забономӯзӣ соли 2015 аз ҷониби Ҳукумати мамлакат "Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020" қабул гардид, ки тибқи он дар шаҳрамон марказҳои таълимию тарбиявӣ барои кӯдакони лаёқатманд ташкил карда шуданд.

Ҳоло дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак фаъолият дорад, ки баҳри татбиқи сиёсати имрӯзаи давлат оид ба кӯдакону наврасон тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таълиму тарбияи кӯдакони синни томактабӣ ва Барномаи давлатии «Рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» ба рушди муассисаҳои томактабӣ, таъмиру азнавсозии онҳо, боз ҳам беҳтар намудани сифати таълиму тарбияи кӯдакон, фарогирии теъдоди бештари онҳо ба ин муассисаҳо диққати хоса медиҳад.

Мавриди зикр аст, ки айни замон дар вилоят 49 адад мактаби типи нав, аз ҷумла, 3 мактаби Президентӣ, 22 гимназия ва 24 литсей бо фарогирии 19 370 нафар кӯдакони лаёқатманд фаъолият карда истодаанд ва ҳамчунин, дар шаҳри Кӯлоб дар 14 муассисаи таҳсилоти томактабии давлатӣ ва хусусӣ бо фарогирии 1599 нафар кӯдакони синни томактабӣ ва 60 адад маркази инкишофи кӯдак дар назди 42 муассисаи таълимӣ бо фарогии 1292 нафар кӯдакони синни мактабӣ таъсис дода шудааст. Бояд қайд кард, ки бо қарори раиси шаҳр аз 21 апрел то 31 май дар қаламрави шаҳру деҳоти Кӯлоб таҳти унвони «Чил рӯзи ҳаёти кӯдакон» силсилаи чорабиниҳои фарҳангию варзишӣ, маърифатию хайриявӣ гузаронида шуданд, ки ҳаёти кӯдаконро хеле рангину шавқовар гардониданд.

***Шариф АБДУЛҲАМИД,***<br>
***«Омӯзгор»***

ҒОЛИБИЯТ

# ДДХ: Дастаи «Enactus» ба Пуэрто - Рико меравад

Дар мусобиқаи ҷумҳуриявии «Enactus», ки дар шаҳри Хуҷанд миёни муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, дастаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ҷойи аввалро сазовор шуд. Ҷиҳати иштирок дар мусобиқаи мазкур дастаи «Enactus»-и донишгоҳ 4 лоиҳа оид ба фароҳам овардани ҷойҳои корӣ барои одамони бекор дар маҳалҳо, ба иҷора додани ҳуҷраҳои хонаҳои истиқоматӣ ва пешниҳоди дигар хизматрасониҳо барои сайёҳони дохиливу хориҷӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди матоъ ва партов, самаранок истифодабарии замин ва роҳҳои рӯёнидани маҳсулот дар хонаҳои баландошёна пешниҳод намуд. Иттилоъ дода шуд, ки дар мусобиқа ҷойи дуюмро ДИСДТТ дар шаҳри Хуҷанд ва ҷойи сеюмро ДДҲБСТ сазовор шуданд. Интизор меравад, ки моҳи октябри соли 2022 аъзои дастаи «Enactus»-и донишгоҳ дар ҳайати 15 нафар дар даври байналмилалии мусобиқа, ки дар Ҷумҳурии Пуэрто - Рико бо иштироки дастаҳои 38 давлати ҷаҳон баргузор мегардад, Ҷумҳурии Тоҷикистонро намояндагӣ хоҳанд кард.

***Маркази иттилоот ва таҳлили ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров***

**Саноатчиёни вилояти Хатлон дар панҷ моҳ ба маблағи зиёда аз 3.47 миллиард сомонӣ маҳсулот истеҳсол карданд.**

*Ҳар чизи комилу зебо ҳам ноёб асту ҳам душвор.*
**Спиноза**



ТАҚРИЗ

# Баъзе масъалаҳои назарияи инъикос

***Мактабу донишгоҳ он вақт соҳиби эътимод ва эътибор мегарданд, ки дар онҳо шахсиятҳои муътабар ба камол расанд. Дар фаъолияти хеш соҳибмактаб шаванд. Чунин манзалат дар чаҳорчӯбаи ҷаҳонбинии шакл мегирад, ки дар он омӯзиши масъалаҳои илм ва таҷриба дар асоси методологияи диалектикӣ ташкил ва роҳандозӣ шуда бошанд.***

Муҳиммияти дониш дар муайян кардани алоқамандии далелҳо ва қонунмандиҳост. Дар натиҷаи он инкишофи дақиқ ва ё эҳтимолии рӯйдод, сабаб ва оқибати ҷараёнҳо мушаххас мешаванд. **«Илм фароҳамовари имконоти шинохти воқеии ҳама гуна шубҳаву нофаҳмиҳо мебошад: вай гиреҳкушои муаммоҳост. Илм вуҷуд дорад. Илм барои ҳама аст. Кӯр аст, касе, ки аз илм баҳравар нест».** (Хитопадеша. Асри VI–и пеш аз милод. Иборат аз 4 қисм. Қисми 1. – С.13). Ва мусаллам аст, ки дониш аз оғози ҳаёти инсон то ба имрӯз ва фардо ҳам ягона воситаи ҳаллу фасли ниёзҳои иҷтимоии ҷомеа мебошад.

Донишгоҳҳо маркази азхудкунӣ ва инкишофи маърифат мебошанд. Ба фаъолияти аз лиҳози назариявӣ инъикос кардани воқеияти зиндагӣ, тадқиқот ва коркарди масъалаҳои мубрами табиат, ҷамъият ва тафаккур машғуланд. Аз ҳама муҳим, муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар алоқамандӣ ва вобастагии функсионалӣ байни сиёсат ва нақшаҳои иҷтимоии давлат дар соҳаҳои илм ва истеҳсолот қарор доранд. **Мафҳум, муҳокимаронӣ, хулосабарорӣ, далелҳои муътақидгардонӣ нисбат ба вазъ, зарурати рушди ҷомеа дар шароити мураккаби геополитикӣ маҳз дар мактаби олӣ сурат мегирад.**

Қувваи пешбарандаи илм, субъекти марказии такондиҳандаи маърифат, ба мисли ҳамешагӣ Инсон аст. Ва **«барои ҳама гуна дониш муаллим ва таҷриба лозим аст»**. (Кабус-намэ. Мудрые наставления сыну. Казан, 1886. Амрита Русь. –М., 2021. –С.108).

Профессор Ямоқова Зумрад Дадаҷоновна аз ҷумлаи устодони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аст, ки бо фаъолияти пурсамари илмӣ-тадқиқотӣ ва педагогии худ аз номварони соҳаи маорифи мамлакат маҳсуб мегардад. Ӯ муаллифи зиёда аз сад асари илмӣ-тадқиқотӣ ва илмӣ-методӣ аст. Дар пешрафти фанни криминалистикаи тоҷик саҳми бузург гузоштааст.

Дар маҷмуи тадқиқоти Ямоқова З.Д. мавзуъҳои экспертизаи судии дастнавис, методикаи экспертизаи хатшиносӣ, хатшиносии криминалистӣ мавқеи асосӣ доранд.

Ҳангоми пешбурди корҳои илмӣ ва фаъолияти илмӣ-педагогии Ямоқова З.Д. бо ном «шакли профессории бархӯрди мавзуъ» ё ба тарзи дигар, муҳокимаронӣ ва усули «фосила аз таҷриба» дида намешавад. Баръакс, назария дар корҳои илмӣ ва амалии ӯ ҳамчун роҳ, усул ва воситаи тафсири воқеияти ҳастӣ истифода мегардад. Таҷрибаи зиёда аз даҳсола дар соҳаи экспертизаи судӣ ба Ямоқова З.Д. ин имконотро додааст.

Аз лиҳози дигар, яке аз масъалаҳое, ки профессор Ямоқова З.Д. ҳамчун мантиқи таҳқиқоти илмӣ ба он таъкид месозад, дарки муҳиммияти таҷриба ва маҳз тавассути он расидан ба ҳақиқати илмӣ мебошад. Чунки «**худи илм ғайр аз муайян кардан ва ифода намудани ҳақиқат чизи дигаре нест**». (Бекон Ф. Новая Атлантида. Опыты. – М., 1954. – С.127).

Ба ақидаи мавсуф, таҷриба ягона маҳаки санҷиши ҳақиқати илмӣ аст. Матн, дастхат ҳам барои ташхисгар ҳамчун маводи объективӣ дар дараҷаи тасаввурот ва аломатҳо арзи ҳастӣ мекунанд. Фақат таҷриба ва озмоиш нишон медиҳанд, то кадом дараҷа ба масъалаҳое, ки субъектҳои ҳуқуқӣ барои муайянсозии вазифаҳои дар пеш гузоштаи қонун, дархост кардаанд, маълумоти объективӣ пешниҳод намудан мумкин аст.

Бидуни шак, омӯзиши паҳлуҳои фаъолияти пурарзиши илмии профессор Ямоқова З.Д. тадқиқоти алоҳидаро тақозо дорад. Дар ин маврид мо нисбат ба истифодаи назарияи инъикос дар доираи монографияи ӯ «Хатшиносии криминалистӣ» (воситаи таълимӣ. –Душанбе, 2016) фақат баъзе ишораҳо кардани ҳастем.

Ба эътиқоди инҷониб, маҳз ҳамин назария ифодагари хосиятҳои умумии материя мебошад, ки тавассути таъсири мутақобила дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла, хатшиносии криминалистӣ бозтоб меёбад.

Назарияи инъикос дар маводи органикӣ ва ғайриорганикӣ гузоштани асар, из, ҳамин тариқ, нишони худро аз лиҳози объективӣ тафсир мекунад.

Яке аз дастовардҳо дар фаъолияти илмии Ямоқова З.Д. устодона истифода намудани хосияти инъикос ҳамчун далели матералии зуҳуроти ҳастӣ мебошад.

Маълум аст, ки шинохти криминалистии хат таърихи қадима дорад. Аммо аз солҳои сиюми асри гузашта ин самти барои кушодани ҷиноятҳои махсусан вазнин, дар вобастагӣ ба давраи навини тараққиёти ҷомеаи ҷаҳонӣ – саноатикунонии давлатҳои рӯ ба тараққӣ ниҳода ва вобаста ба он мураккабшавии сохтори аъмоли зиддиқонунӣ, аз ҷумла, бо истифода аз шакли графикии ифодаи овозҳо, тасдиқи ҳуқуқии фардияти шахс, масъалаи ошкор ва пешгирӣ намудани онҳо рӯзмарра гардид. Дар ин муддат, методологияи айнияти хатшиносии судӣ ба таври назаррас инкишоф ёфт.

Бидуни шак, замони Истиқлоли давлатӣ зарурати коркарди санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии миллиро ба миён овард. Ин давра ба рушди инқилобии техникаи электронӣ рост омад. Ҳаёти ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла, мамлакати моро то дараҷаи муайян дигаргун сохт. Онро ба шеваи ҳуқуқӣ, зуҳуроти нави юридикӣ низ гуфтан мумкин аст.

Ҳолати мазкурро профессор Ямоқова З. Д. ин тавр масъалагузорӣ мекунад: **«азнавташкилёбии сиёсатҳои муосир, низоъҳои мусаллаҳона ва гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ, ки дар натиҷаи он гардиши ҳуҷҷатгузорӣ дар мамлакат боиси нуфузи вазъияти ҷинояткорӣ гашт, ки он ҳам, аз он ҷумла, дар фаъолияти амалиявии ташхисгарони хат... боиси талаботи зиёд оид ба мутобиққунонии он ба ислоҳоти системаи судӣ ва қонунгузории нави мурофиавӣ, такмилдиҳии усулҳои тадқиқоти объектҳои хатии камҳаҷм – имзоҳо ва навиштаҷоти кӯтоҳ, назария ва методикаи ташхиси хатшиносии судӣ ба мақсади муайянкунии ҷинояткорони номаълум, истифодабарии технологияи компютерӣ, осонкунии равиши тартибдиҳии хулосаи экспертӣ ва шарҳдиҳии маводҳо гашт»** (Ямоқова З.Д. Хатшиносии криминалистӣ (воситаи таълимӣ), –Душанбе, 2016. –С.8).

Дар тадқиқоти профессор Ямоқова З.Д. масъалаи инъикос ҷойгоҳи меҳварӣ дорад. Муҳаққиқ онро марбут ва маҳсули аслии материяи олӣ – майнаи инсон, аниқтараш, тафаккур мешуморад. Маҳз аз ҳамин дидгоҳ онро зина ба зина номбар мекунад. Қисмҳои таркибии масъаларо дар асоси методҳои системавӣ ва системавӣ – структуравӣ тафсир менамояд. Ӯ менависад: **«Дар давраи аввали омӯзиши хат, ки компоненти тафаккур аст, таъсири бузургро ба шаклгирии ҳусни хат дар ҳолати психологияи хатнавис: устуворӣ, эҳсосоти биниш, ҳусни таваҷҷуҳ, хотира, манфиатҳои тафаккурӣ, мақсаднокии ирода ва ғайра дар бар мегирад»** (Ҳамон ҷо. –С.9). Ин ҷузъиётро муаллиф дар алоқамандӣ, ҳамбастагӣ ва вобастагӣ медонад.

Хосияти илм дар ифода кардани маънӣ ва мафҳумҳо ба воситаи истилоҳ ва дефинитсияҳо мебошад. Он барои дарки мантиқӣ, истисно кардани духӯрагиҳо дар истифодаи маънӣ ва фардикунонии тафсир, мушаххасгардонии касбият тавассути «коркарди забони» тафсирҳо, дар хотир нигоҳ доштани пайдарҳамии равандҳои психологӣ дар иҷрои амал дорои аҳамият мебошад.

Бешубҳа, ҳама гуна падида оғоз, инкишоф, тағйирёбӣ ва таназзул дорад. Дар шарҳи чунин ҳаракат ва ҳолат маъниофаринӣ тақозои замон аст.

Дар омади гап, хотирнишон бояд кард, ки на ҳама мутахассисон то ба охир ба қудрат ва тавоноии забони тоҷикӣ, махсусан дар соҳаи илмҳои тиб, ҳуқуқ ва техникӣ бовар доранд. Барои мисол, Абуалӣ ибни Сино касалии ракро ҳазорреша ном бурдааст, аммо истифодаи он дар забони тоҷикӣ то ҳанӯз арабӣ аст. Чунин мисолҳо садҳоанд.

Профессор Ямоқова З.Д. дар мавриди истеъмоли калимаҳои хориҷӣ ва иқтибосӣ, то ҳадди имкон, эҳтиёткор аст. Мекӯшад, ки истилоҳоти заруриро, асосан, бо забони модарӣ ифода намояд. Барои мисол: «ҳолати руҳии хатнавис», «эҳсосоти биниш», «манфиатнокии тафаккурӣ», «мақсаднокии идора», «ҳассосии *ретсепторҳои* ҳиссиётӣ» ва монанди инҳо. Баъди тафсири фикр бо истифодаи истилоҳот, маънӣ ва мафҳумҳо муаллифи китоб андешаи худро ба осонӣ хулоса мекунад: **«Устуворият ҳангоми ташаккули хат ба вуҷуд меояд, ин хусусият ба коркарди системаи (тартиби) ҳаракатҳо хос аст».** (Ҳамон ҷо. –С.10). Дар идомаи сухан профессор Ямоқова З.Д. давраҳои синну солии ҷараёни инкишофи хатро бо далелҳои мушаххас тафсир менамояд. Ҳангоми ташхиси матн ба инобат гирифтани ин ҷиҳати масъаларо муҳим мешуморад. Оғоз, шаклгирӣ ва камолоти азхудкунии навиштро зинаҳои муҳим барои омӯзиш ва муваффақона ҳаллу фасл намудани вазифаҳои криминалистӣ медонад.

Муаллиф дар зарфияти моҳият ва зуҳурот, мақсаднокии амали ҳадафҳои омӯзиши криминалистиро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Ин масъаларо дар намунаҳои тарзи навишти ғаразнок вориди баҳс месозад.

Маълум аст, ки тадқиқи криминалистӣ дар амалияи судӣ ба шумораи беҳисоби шаклҳои содир кардани ҷиноят рӯ ба рӯ мегардад. Мақсади аслии ҳадафҳои мавриди таваҷҷуҳи мурофиаи ҷиноятӣ – ҳалалдор намудани муносибатҳои ҷамъиятии зери ҳимояи қонун мебошад. **«Дурӯғ метавонад ҳамчун фикри бофтабароварда дар бораи рӯйдоде, ки вуҷуд надоштааст ва мақсаднок пинҳон кардани он чизе бошад, ки**

СОЗАНДАГӢ

## Оғози сохтмони бинои иловагӣ

Дар назди муассисаи таълимии №4-и Ҷамоати деҳоти Пахтаободи шаҳри Турсунзода сохтмони бинои иловагии мактаб оғоз гардид. Тибқи лоиҳа, иншооти мазкур аз 2 ошёна иборат буда, дорои 12 синфхонаи барҳаво мебошад.

Бунёди иншооти мазкур бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода ва ҷалби соҳибкорон, инчунин дастгирии кумитаи падару модарон роҳандозӣ гардид, зеро дар муассисаи мазкур нарасидани ҷойи нишаст барои хонандагон ба мушоҳида мерасид.

Зимни сафари корӣ Раиси шаҳр Парвиз Акрамзода бо ҷараёни корҳои сохтмонии бинои иловагии ин мактаб шинос шуд. Маълум гардид, ки таҳкурсии бинои мазкур омода буда, сохтмончиён ба корҳои бардоштани девори он машғул мебошанд.

КОМЁБӢ

## 17 дипломи аъло

Соли равон Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Синоро 1518 нафар донишҷӯ хатм намуданд, ки аз ин теъдод 17 нафар соҳиби дипломи аъло гардиданд. Ин нукта 11 июн зимни ҳамоиши тантанавӣ бахшида ба муносибати хатми имсолаи донишҷӯён баён шуд.

Дар ҳамоиши мазкур вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамолиддин Абдуллозода, ректори муассисаи мазкур Маҳмадшоҳ Гулзода ва устодону донишҷӯёни ин муассиса иштирок намуданд.

Дар ҳамоиш бо ифтихормандӣ иброз гардид, ки хатмкардагони ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино дар зиёда аз 50 давлати дунё кору фаъолият карда истодаанд, ки ин боиси ифтихори мост ва барои баланд бардоштани обрӯю нуфузи ватану миллати азизамон дар арсаи байналмилалӣ мусоидат мекунад.

**Дар пойтахти мамлакат оид ба шоҳасари «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров ва шуҳрати он ҳамоиш баргузор шуд.**

# ва хатшиносии криминалистӣ

**ҳақиқат дорад».** (С. Кондаков).

Профессор Ямоқова З.Д. таъкид месозад, ки дар ин мавриди роҳи одии ҳалли масъала – санҷиши муқоисавии матн бо хати замони мактабхонии ҳадафи мавриди таваҷҷуҳ аст. Ин методи муайянкунии айнияти хат ворид гаштан ба моҳияти мавзуъро дар назар дорад, ки метавонад дар ҳар шакл зуҳур ёбад. Ямоқова З.Д. рафъи фосилаи номутобиқатӣ ва зиддиятҳои шаклиро аз рӯйдод то моҳият калиди муаммои сарбаста барои кушодани мушкилоти криминалистӣ мешуморад. Чунин тарзи масъалагузориро дар доираи **«раванди беохири наздикшавии тафаккур ба объект»** хотирнишон менамояд: **«Инсон бояд бовар кунад, ки чизи номафҳумро метавон мафҳум кард. Вагарна одамизод дар бораи он фикр намекард».** (Гёте В. Избраные афоризмы и мысли. –Спб. 1903).

Ҳама гуна ашё хосияти инъикос дорад. Бо ҷузъиёт тақсим кардан ва аз нигоҳи илмӣ омӯхтани онҳо воситаи муҳимми таъмини амалиёти криминалистӣ мебошад. Ямоқова З.Д. дар асари худ ин масъалаҳоро бо маҳорати баланд мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор медиҳад. Аз ҳамин ҷиҳат, истилоҳ ва ибораҳоеро ба кор мебарад, ки барои ворид гаштан ба мавзуъ ҳамчун роҳнамо хизмат мекунанд. Барои мисол, «*дуруст иҷро намудани элементҳои графикӣ*», «*малакаи техникӣ*», «*ноустувории хатӣ-ҳаракатӣ*», «*пайвасткунии ҳарфҳо*», «*зуд иҷро намудани аломатҳову ҳарфҳои хаттӣ*», «*макони хати майдонҳо*», «*андозаи хати сурх ё ҷойгиршавии ҳаракати аввала*», «*мутобиқати ҳаракат*» ва монанди инҳо.

Бояд хотирнишон кард, ки **«инъикос восита ва чараёни умумӣ мебошад, ки чӣ тавр ашё ба якдигар таъсир мерасонанд ва ба якдигар посух медиҳанд. Дар ин ҳамкорӣ хосияти инъикосии предмет ба тарзи муайян дар инъикосшаванда афзалияти инъикоскунӣ дорад».** (Живкович Л. Теория социального отражения. –М.: Прогресс. 1969. –С.14). Татбиқи ин назарияро профессор Ямоқова З.Д. дар тадқиқот, тибқи ифодакунии аломатҳои умумии матн, аз оғоз то ҳадди ниҳоии амал устодона тавсиф мекунад: **«Ҳаракате, ки аз тарафи нависанда дар коғази рост ба амал меояд, аз рӯйи шакл, самт, майлон, андоза ва суръат тавсиф карда мешавад. Ҳаракате, ки аз тарафи нависанда дар ҳамвории амудӣ иҷро мешавад, дар натиҷа кандашавии асбоби нависанда аз хати қоғаз ба амал меояд, аз тарафи бефосилагии (пайвастагии) он ва тақсимоти қувваҳо (фишор) таҳлил карда мешавад».** (Ямоқова З.Д. Хатшиносии криминалистӣ (воситаи таълимӣ). –Душанбе, 2016. –С.36).

Ҳангоми тадқиқи мавзуъҳои шинохти криминалистии хат Ямоқова З.Д. ба масъалаҳои инъикоси ғайриорганикии мавод дар якдигар таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Ҳамзамон, дар вобастагӣ ба предмети тадқиқ, эҳтимолияти таъсири дигар ашёи ғайриорганикӣ ба маводи омӯзиш низ мадди назар гирифта мешавад. Таъкид мегардад, ки таъсири мутақобилаи зуҳуроти ғайриорганикӣ рафти ташхиси моддаҳои қобили таваҷҷуҳро ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мегардонад. Мулоҳизаҳои Ямоқова З.Д. оид ба методологияи тадқиқи чунин ҳолат ҷанбаҳои муҳимми амалӣ доранд.

Ҳамин тариқ, профессор Ямоқова Зумрад Дадаҷоновна яке аз поягузорони фанни хатшиносӣ дар илми криминалистикаи тоҷик мебошад. Қимати умри бобаракат ва самарабахши асарҳои илмӣ ва илмӣ – педагогии олими шинохта иборат аз он аст, ки заҳматҳои пажӯҳишии ӯ дар доираи талаботи қонунияти умумӣ оид ба ҳаракати тафаккур ба роҳу усули дарки воқияти объективӣ сурат гирифтаанд.

Ямоқова З.Д. мафҳум, истилоҳот, дефинитсияҳои илмӣ, ҳамзамон, мантиқи хатшиносии криминалистиро на дар ҳолати рукуд, шахшудамонда, беҳаракат, балки дар алоқамандӣ бо вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, таҳаввулоти сохти ҷамъиятӣ, равандҳои тараққиёти илму техника, ба ифодаи одӣ, ҳамқадами ҳаёт, ҳамчун падидаи рӯзмарра мебинад.

Ӯ дар асосҳои илмӣ мекӯшад, ҳарчӣ бештар аз зуҳуроти объекти омӯзиши криминалистӣ ба моҳияти он ворид гардад. Вобаста ба мундариҷаи ҳадафи тадқиқ роҳ, усул ва методҳои озмоишу таҳқиқро муайян созад. Маҷмуи рӯйдодҳоро аз нигоҳи илмӣ таҳлил намояд. Дар доираи манфиатҳои иҷтимоӣ натиҷаи онро мавриди истифода қарор диҳад.

Матншиносии криминалистӣ муҳимтарин воситаи далелнокӣ ва исботи мавқеи судӣ мебошад. Монографияи профессор Ямоқова З.Д. бо ҷадвал ва диаграммаҳои таҳлили муқоисавии матнҳо пурра гардонида шудааст, ки бидуни шак, барои муайянсозӣ ва тасдиқи фикри айбдоркунӣ ва ё баракс хизмат мекунад. **«Илм гуфта, хулосаи гурӯҳбандии далелҳоро меноманд, то имкон бидиҳад, дар асоси таҳлили онҳо қонунмандиҳо ва натиҷагириҳо сурат бигиранд».** (Дарвин Ч. Автобиография. –М., 1957. –С.85).

Инсон ҳамон вақт қонеъ мегардад ва адолати судиро эътироф мекунад, агар ҷараёни мурофиавӣ бо мисолҳои дақиқ ва боварибахш мавқеи қонунро мустаҳкам ва ҳимоя карда тавонад. Эҷодиёти илмии Ямоқова З.Д. маҳз ҳамин ҳадафро пайгирӣ мекунад.

Боиси хушбахтии донишгоҳ, толибилмон ва муаллимони ҷавон аст, ки шахсияте чун профессор Ямоқова З.Д. солҳои тӯлонӣ дар ин муассисаи бонуфузи мамлакат ба ҳайси устод шуғл меварзад.

Истилоҳи «муаллим» маънии бузург дорад. Калимаи «устод» муродифи он аст. Аммо устод дараҷаи олии сифати шахс, бузургтар аз ҳама мафҳумҳост. **Одамони огоҳ дар шинохт ва истифодаи ин истилоҳ эҳтиёткор ҳастанд.**

**Агар муаллим, дар умум, мансубияти шахсро ба касб дар назар дошта бошад, устод мафҳумест, ки аз як муаллими одӣ волотар, бо дараҷаи баландтари тахассусмандӣ, бо донишу маърифати олӣ ва гуфтору рафтор аз дигарон афзалтар аст. Дар ботини худ қудрати бузурги омӯзонидани донишу касбият ва беҳтарин сифатҳои маърифату одамиятро дорад.** Гарчанде дар матн, барои худдорӣ кардан аз тавтология, истифодаи синонимии ифодакунандаи фаъолияти омӯзгорӣ, бо назардошти дараҷаҳои сифатӣ маҳдудият нест.

Профессор Ямоқова З.Д. устоди ҳақиқӣ аст. Донишҳои амиқу ҳаматарафаи илмӣ, таҷрибаи камназири фаъолияти корӣ, хиради бузурги омӯзгорӣ ва мақсаду мароми олии комгорӣ – хизмат ба илму маърифати Ватан муҳтавои ҳаёти ӯст.

Ҳангоми лексия, семинарҳо ва дарсҳои амалӣ, шогирдон муътақид мегарданд, ки Ямоқова З.Д. на танҳо донандаи риштаи матншиносии криминалистӣ ва худи фанни криминалистика аст, балки аз нигоҳи мавзуъ, предмет ва объекти илмӣ фанҳоеро, ба мисли «Ҳуқуқи конститутсионӣ», «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ», «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ», «Ҳуқуқи гражданӣ», «Ҳуқуқи молиявӣ», «География», «Таърих», «Забоншиносӣ», «Биология», «Химия», методологияи навъҳои гуногуни экспертизаи судӣ, методҳои математикии тадқиқотӣ ва монанди инҳо, ки бо илми хатшиносии криминалистӣ дар муносибати «ҳамсоягӣ ва хешигарӣ» қарор доранд ва бидуни онҳо масъалаҳои касберо, ки профессор Ямоқова З.Д. дарс мегӯяд, омӯзонидан мушкил аст, ба навъи аҳсан медонад. Ва устодона фаҳмонида метавонад. Ӯ бо донишҳои энтсиклопедии худ дили шогирдонро тасхир мекунад, устоди ҳақиқӣ будани хешро бо ифтихору сарбаландӣ муаррифӣ ва тасдиқ менамояд.

То замони Истиқлол профессор Ямоқова З.Д. дар гурӯҳҳои русӣ ҳам дарс мегузашт. Ӯ бо сатҳи баланди донистани забони русӣ, тавассути он ба донишҷӯён фаҳмонидани истилоҳ, категория, дефинитсияҳо, қоидаҳо, нозукиҳои гузаронидани мураккабтарин экспертизаҳо дар соҳаи матншиносии судӣ таваҷҷуҳи аудиторияро ба якборагӣ ҷалб мекард. Ва то охири дарс донишҷӯён худро дар иҳотаи санъати баланди омӯзонидани илму маърифат ва касбият медиданд. Муддатҳо зери ин таассурот мемонданд.

Ба эътиқоди мо, **муаллимӣ олитарин, бузургтарин, масъулиятноктарин ва ҳамзамон бо ин, мушкилтарин касб аст. Касби аз одам инсонсозӣ, аз инсон шахсиятсозӣ, аз шахсият таърих ва давлатсозӣ аст. Муаллим муаллиф ва ҳимоятгари сохти давлатдории миллӣ мебошад.** Давлатмардон, сиёсатмадорон, олимон, нависандагон, лашкаркашони бузург, мутахассисон, ватандӯстон, инсонҳои неки меҳнатӣ дар худ як навъ намунаи руҳи қавӣ, хотирмон, ва барандаи намунаҳои шахсияти муаллимони худ мебошанд.

Дараҷаи устодӣ дониш, маърифат ва заҳмати бузургро тақозо мекунад. Профессор Ямоқова Зумрад Дадаҷоновна аз зумраи ҳамин шахсиятҳои соҳибмактаби риштаи ҳуқуқшиносии таҳсилоти олии ҷумҳурӣ аст.

Нафароне, ки худро ба сифати мутахассис муаррифӣ менамоянд, кам нестанд. Ва онҳо дар ин тасаввурот ва банди хаёлот умри азиз сарф мекунанд.

**Соҳибкасб ва соҳибунвонҳо зиёданд. Мутаассифона, онҳое, ки аслияти касбӣ, ҳувияти шахсӣ ва тахассусмандии аз ҷониби дигарон эътирофгашта ва инъикоси маънавиашон дар ҷомеа муассир бошад, ангуштшуморанд**.

Гегел мефармояд: **«Ҳар инсон ангушт дорад. Метавонад дар ихтиёраш қалами наққошӣ ва рангу бор дошта бошад. Аммо ин чиз ӯро рассом карда наметавонад. Айнан, ҳамин вазъ ба фаъолияти тафаккур дахл дорад. Фақат тафаккури дуруст, дониш ва дарки воқеии предмет аст. Ва барои ҳамин донистанҳои мо бояд илмӣ бошад»**. (Гегель Г.В.Ф. Сочинения. Т. 1-14. –М-Л., 1929. –С.124).

Ҳаёти профессор Ямоқова З.Д. ба ҳамин дарк, бо ҳамин тафаккур ва арзиши зиндагӣ мутаносиб аст. Ба ҳамин ҷабҳаи пурифтихор бахшида шудааст.

*С.ЯТИМОВ,*
*профессор*
*Бознашр аз маҷаллаи «Илм ва ҷомеа», №2 (29), соли 2022*

СОХТМОН

## Мактаб-парваришгоҳ дар Ҷамоати деҳоти Рӯдакӣ

Дар Ҷамоати деҳоти Рӯдакии ноҳияи Вахш сохтмони мактаб-парваришгоҳ барои кӯдакони ятиму бепарастор дар арафаи анҷомёбӣ қарор дорад.

Мактаб-интернат аз бинои асосӣ, хобгоҳ барои 540 нафар, ошхона барои 480 нафар, меҳмонхона барои 10 нафар, бунгоҳи тиббӣ, утоқи посбонҳо, ҳуҷра барои вохӯрии волидайну тарбиятгирандагон



ва майдончаи варзишии футболи хурд иборат мебошад. Синфхонаҳои муассиаи мазкур бо таҷҳизоти таълимии замонавӣ, мизу курсӣ, инчунин, хобгоҳ бо рахтҳои нави хоб ва ҷиҳоз барои истироҳат таъмин гардонида мешаванд.

Масоҳати ҷойгиршавии бинои таълимӣ аз 3 гектар иборат буда, атрофи бино бо гулу ниҳолҳои ороишӣ зиннат дода мешавад.

7 июн Раиси вилоят Қурбон Ҳакимзода ба ноҳияи Вахш сафари корӣ дошт ва аз маҳалли сохтмони мактаб-парваришгоҳи кӯдакони ятиму бепарастор дидан кард.

Раиси вилоят ба масъулин дастур дод, ки иншооти сохташавандаро дар муҳлати пешбинишуда ва бо сифати баланд ба истифода диҳанд. Инчунин, зикр намуд, ки то итмоми сохтмони иншоот заминҳои корами атрофашонро сарфакорона истифода бурда, кишт намоянд.

Дар шаҳри Тошканд 15-умин ҷаласаи Шурои ҷавонони Созмони Ҳамкории Шанхай баргузор гардид.

*Одаме нест, ки ҳама хуб ё ҳама бад бошад.*
*Люк Вовенарг*

«Омӯзгор» № 24, 16 июни соли 2022

**БА ТАВАҶҶУҲИ АГЕНТИИ НАЗОРАТ ДАР СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# Вазъи ногувор

## (Реплика)

***Ноҳияи Муъминобод дорои 56 таълимгоҳ аст. Дар яке аз ин муассисаҳои таълимӣ ду директор зиёда аз 14 сол боз сари мансабанд, вале аз ротатсия дур мондаанд.***

Дар баъзе мактабҳо муовинони директор оид ба таълиму тарбия солҳои тулонӣ кор карда истодаанду вазифаҳояшонро ба касе доданӣ нестанд. Дар мактаби №50 Нусратулло Абураҳмонов ҳамчун муовини директор оид ба таълим 20 сол боз ба фаъолият машғул аст. Парадокс: чаро баъзе муовинони директор оид ба таълиму тарбия 15 – 20 - солӣ кор карда метавонистаанду лек ҳеҷ не ки курсии директориро соҳиб шаванд?

Акнун меоем сари мақсад: аз 56 муассисаи таълимӣ чаро хонандагони 23 таълимгоҳ дар олимпиадаҳои вилоятию ҷумҳуриявӣ иштирок карданду 25 – тои дигараш не? Муассисаҳои ибтидоии таълимиро аз ин қатор баровардем. Иштироки хонандагони мактабҳои № 12,13, 15,16,32,33,34,35,42,44,45, 46,47,48,49,51,51,53,54,55 дар олимпиадаҳои зикргардида мушоҳида нашуд. Пас, барои чӣ аз буҷети маҳаллӣ барои пешбурди корҳои таълиму тарбия ва хоҷагии ин мактабҳо ҳамасола маблағҳои зиёде масраф мегардад? Агар нишондиҳандаҳои таълиму тарбия қаноатбахш набошад, ин гуна муассисаҳои таълимӣ барои чӣ лозиманд? Ё сабаб чист, ки аз 380 нафар омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик дар ноҳия тақрибан аз 20 ҳазор шогирдашон танҳо 8 нафар дар олимпидаҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ соҳиби ҷой шудаанду халос?! Соли ҷорум аст, ки озмуни «Фуруғи субҳи доной китоб аст» идома дораду шогирдони ин омӯзгорони забони давлатӣ ягон нафарашон барандаи ҳатто ҷои ифтихорӣ дар ҷумҳурӣ нашудаанд?

Ба Агентии давлатии назорат дар соҳаи маориф дар минтақаи Кӯлоб, ки сарварии ашро Маҳмадсаид Шарифов ба уҳда дорад, (як сол пеш ба ин идора, ки дар бинои қароргоҳи раиси вилоят дар шаҳри Кӯлоб ҷой гирифтааст), қадам ранҷа намуда, бо директору зердастонаш, ки 4 нафар дар як утоқ менишастанд, дар хусуси се масъалаи ҳалталаби маориф муроҷиат кардем. Кормандии он Шокирҷони Карим гуфт, ки ин масъаларо санҷида мебинем ва ба шумо низ аз натиҷааш хабар медиҳем. То онҳо аз пайи санҷиш шуданд, ки корманди дигарашон Комрони Сабзаалӣ рост ба масъулини таълимгоҳҳо ва бахши маорифи ноҳияи Муъминобод занг зада, хабар додааст: ҳушёр шавед, дар бораатон фалонӣ аз фалон газета маълумот доданист. Дигар нафаҳмидем, ки байни Маҳмадсаид Шарифов ва масъулоне, ки мавриди санҷиш қарор гирифтаанд, агар санҷида бошанд, чи доду ситад шуд? Шояд Агентии ҷумҳуриявии назорат дар соҳаи маориф ва илм чунин кадрҳои номувофиқро иваз намояд?! Дар акси ҳол, чаро хонандаи синфи 4-и аз як ноҳия ба ноҳияи дигар рафта, дар он ҷо синфи 6 мехонаду Агентии назорати соҳаи маорифи минтақаи Кӯлоб аз ин ҳол бехабар мемонад? Ва чаро аз фаъолияти кории директори таълимгоҳи дигар, ки аз идораи ин Агентӣ ҳамагӣ дар масофи 5 километр воқеъ асту дар 6 моҳи кориаш ба ягон соат дарси омӯзгорон надаромадааст, огоҳие надорад?! Ин гуна мисолу далелҳо ангуштшумор не, балки аз мӯи сар ҳам зиёданд.

***Нурулло ҲАСАНОВ,***
***рӯзноманигор***

**НИГАРОНӢ**

# Мактаби Пастиғавро кай месозанд?

Деҳаи Пастиғави ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ бо табиати зебову дилрабо ва боғистонҳои сарсабзу пурмева (дар боғҳои ин деҳа бештар аз 100 намуди мева парвариш карда мешаванд) ва чашмасорҳои мусаффои худ дили ҳар бинандаро мусаххар месозад.



Мутаассифона, дар ин деҳаи зебо мактаб дар бинoии одии маъмулии замони Шӯравӣ ҷойгир шудааст.

Дар воқеъ, соли 1946 роҳбарияти вақти ноҳия нуфузи аҳолиро ба назар гирифта, амалдорони колхозро ба бинои кӯчаке кӯчонида, бинои идораи раёсати колхозро ба ихтиёри мактаби деҳа вогузор мекунанд.

Бинои муассисаи таълимӣ 170кв мураббаъ масоҳат дошта, аз 10 синфхона иборат аст. Дар ҳар синф аз 12 то 25 нафар хонанда дарс мехонанд.Дар ин бинои куҳанбунёд 430 нафар толибилм дар ду баст таҳсил доранд ва 34 нафар омӯзгор ба таълиму тарбияи онҳо машғуланд.

Соли хониши ҷорӣ аз сабаби нарасидани синфхонаҳо, маъмурияти муассиса маҷбур мешавад, ки хонаи муаллимонро ба синф табдил дода, дафтари кории директори мактаб ҳамчун ҳуҷраи кории муаллимон мавриди истифода қарор диҳад.

Соли таҳсили ҷорӣ аз 21 нафар хонандаи мактаб 18 нафар дар Маркази миллии тестӣ барои дохил шудан ба макотиби олӣ ба қайд гирифа шуданд.

Дар суҳбат директори муассисаи таълимӣ Зафармаҳмад Қурбонов қайд намуд, ки дар атрофи масъалаи бунёди бинои нави муассисаи таълимии деҳаи Пастиғав солҳои зиёде сухан меравад ва аз ин роҳбарияти ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ ва вилояти Суғд огаҳӣ доранд. Дар маҷлису ҷамъомадҳо ҳамеша атрофи ин масъала мегӯянду менависанд ва дар охир ваъдаи оғози сохтмони мактабро медиҳанду мераванд, аммо ҳеҷ не ки ба сохтмони мактаб шурӯъ кунанд.

***Н. НЕЪМАТЗОДА,***
***“Омӯзгор***

**ЗУҲУРОТИ НОМАТЛУБ**

# Ҳамбастагӣ – омили мубориза бар зидди коррупсия

***Имрӯзҳо яке аз проблемаҳои замони муосир мубориза бо коррупсия мебошад. Оид ба ин масъала солҳои охир дар матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он бисёр фикру андешаҳо баён карда шудаанд. Дар бисёр ҳолатҳо бештар ба омилҳои сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ таваҷҷуҳ намуда, ба омилҳои ахлоқию маънавӣ чандон диққат намедиҳем. Дар замони муосир на ҳама вақт ва на дар ҳар шароит сифатҳои ахлоқию маънавии одамон ба инобат гирифта мешаванд.***

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” аз 1 октябри соли 2020 таҳти № 390 бо таҳрири нав қабул карда шуд. Дар ин замина Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тадбиқи “Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030” (барои марҳилаи якум солҳои 2022-2025), аз 3 августи соли 2021, таҳти № 222 тасдиқ карда шудааст. Баҳри рафти таъмини иҷрои талаботҳои он аз тарафи тамоми мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақша – чорабиниҳои алоҳида тартиб дода, дар ин самт корҳои доимӣ ба роҳ монда шудааст. Муқовимат ба коррупсия ин фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҷомеаи шаҳрвандӣ, идораю ташкилотҳо новобаста аз шакли моликияташон, дар доираи ваколатҳо ва вазифаҳои худ, инчунин, шахсони дар самти пешгирии коррупсия, аз ҷумла, ошкору бартарафсозии омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия (пешгирии коррупсия), ба кушодану бартараф намудан ва доир намудани тафтишоти ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ (мубориза бо коррупсия), ҷиҳати бартараф намудани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсиониро дар бар мегирад. Мақсади стратегия баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии аҳолӣ ва фароҳам овардани фазои оштинопазирӣ ба коррупсия, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва дар маҷмуъ, паст намудани шиддати коррупсия дар кишвар иборат буда, барои инкишофи арзишҳои демократӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум равона карда шудааст. Талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” баҳри ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷамъият, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти муътадили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, поктинати ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ, асосҳои ташкилию ҳуқуқии пешгирӣ, ошкор намудан ва барҳам додани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсионӣ алоқаманд, нигаронида шудааст. Қонуни мазкур муайян намудан ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони ҷинояткориҳои коррупсионӣ содирнамуда, намудҳои гуногуни ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва чораҳои ба ҷавобгарӣ кашидани онҳоро амалӣ менамояд. Сатҳи нокифояи таъминоти моддии хизматчиёни давлатӣ, камназоратии фаъолияти онҳо аз тарафи давлату ҷомеа, номукаммалии қонунгузорӣ, дар баъзе қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ мавҷуд будани норасоиҳо ва меъёрҳое, ки барои коррупсия имкониятҳои иловагӣ ба вуҷуд меоранд, ба паҳншавии коррупсия мусоидат менамоянд.

Гузаронидани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ баҳри тадбиқи Стратегияи муқовимат ба коррупсия аз ҷониби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои низомӣ, мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот, роҳбарони идораю ташкилотҳо, комиссияҳои мубориза ба муқобили коррупсияи назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон корбарӣ самаранок ба роҳ монда мешавад. Дар байни хизматчиёни давлатии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳияҳо оид ба чораҳои пешгирии омилҳои коррупсионӣ, дарки сиёсати муҳими давлату давлатдорӣ, баланд бардоштани нуфуз ва одоби хизматчиёни давлатӣ ва дигар тадбирҳои пешгирии қонунвайронкуниҳои коррупсионӣ бо таври доимӣ суҳбатҳо, вохӯриҳо, мизҳои мудаввар ва дигар чорабиниҳо ташкил намуда, корҳои фаҳмондадиҳӣ - огоҳкунӣ гузаронида мешаванд. Мутаассифона, ҳанӯз дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содир кардани амалҳо ва кирдорҳои коррупсионӣ ҷой дошта, боиси паст гардидани нуфузи идораю ташкилотҳо мегардад.

Аз ин рӯ, доир ба андешидани чора ва тадбирҳои судманди пешгирии пайдоиши зуҳуроти коррупсионӣ лозим аст, ки дар ҳамкори ба васоити ахбори омма, доир намудани баромадҳо ба воситаи радиои маҳаллӣ, пешниҳод намудани маводҳои ҷолиби пешгирикунандаи амалҳои зиддикоррупсионӣ ба нашрияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шаванд. Бинобар ин, дар рафти таъмини иҷрои талаботи стратегия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия на танҳо мақомотҳои дахлдор, корхонаву ташкилотҳои давлативу ғайридавлатӣ, инчунин, иштироки фаъолонаи ҷомеаи шаҳрвандӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, соҳибкорони хурду миёна, ташаккули ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ дар байни шаҳрвандон, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар самти эҳтиром ва риояи талаботи қонунгузории амалкунанда ҷиҳати муқовимат ба коррупсия бояд ҷалб карда шаванд

***М. МАДАМИНОВ,***
***ҳуқуқшиноси давлатӣ***
***дар ноҳияи Ашт***

Дар шаҳри Қоҳира 30-солагии Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил гардид.

БА ОЗМУНИ «НАҚШИ МАОРИФ ВА ИЛМ ДАР ТАТБИҚИ ҲАДАФҲОИ СОЛҲОИ РУШДИ САНОАТ»

# Шогирдони донишманду кордон

**Деҳаи Ғуриёти шаҳри Ҳисор рӯз ба рӯз ободу зеботар мешавад. Бинои маркази саломатӣ пурра таъмири асосӣ шуд, чойхонаи кори калон, ҷойи дилхушии бачаҳо, ошхона, қассобхона, ҷойи шоҳмотбозию саққозанӣ, сартарошхона, нонпазхона, мағозаҳои масолеҳи ниёзи мардум ва истгоҳи замонавӣ бунёд гардиданд.**

Аз ҳама муҳим ва беҳтаринаш, толори варзишӣ сохта шуд, ки дар ин ҷо варзишгарон ва ҳаваскорони соҳаи варзиш машқу тамрин карда, ба гӯштингирӣ ва бозиҳои футбол, волейбол, ҳандбол ва ғайра машғул мешаванд.

Кори арзишманде, ки дар ин деҳа карда шуд, қомат рост кардани бинои дуқабатаи бошукӯҳи мактаб барои 600 ҷой мебошад. Назди ҳавлии муассисаи таълимӣ гулу гулзор ва боғу бӯстонро мемонад. Деҳа ду бинои мактаб дорад: яке дар маркази деҳа ҷой гирифтааст ва дигаре дар ҷануби деҳа. Дар ин биноҳои хуштарҳ зиёда аз 1200 нафар хонанда таҳсил мекунанд.

Дар давраи пеш тамоми биноҳои истиқомативу анҷомхонаву работҳои деҳа бо пахсадевор бино меёфтанд, кунун аксари биноҳо бо хишти пухта сохта мешаванд. "Бо кадом хишти пухта?" гӯед. Бо хишти пухтаи худӣ. Яъне деҳаи Ғуриёт корхонаи саноатӣ дорад, ки ҳар рӯз ҳазорон хишти босифат истеҳсол мекунад.

Гап дар сари он аст, ки ҳамаи ҳамин ободкориву бунёдкориҳо бо ташаббуси шогирдони собиқи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 17 муҳайё гаштаанд. Шогирдони соҳибкори ташаббускор дар мактаби деҳаашон бо баҳоҳои хубу аъло таҳсил мекарданд. Тамоми фанҳои таълимиро дӯст медоштанд, бахусус, ба фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи хоса доштанд. Дар озмунҳои фаннӣ ширкат варзида, борҳо ҷойҳои аввалро ишғол кардаанд. Ба техникуми сохтмонии шаҳри Душанбе дохил шуда, соҳиби дипломи аъло гардиданд ва баъд Донишгоҳи техникии пойтахтро хатм карда, ихтисоси муҳандисиро ҳам соҳиб шуданд.

Бе дониши мукаммали техникӣ ба комёбӣ соҳиб шудани соҳибкор номумкин аст. Шахси донишманд корхонае бино мекунад, ки худаш аз технологияи он бохабар аст ва ба кор шахсонеро қабул мекунад, ки аз фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ бохабаранд, яъне дар баробари донистани фанҳои физикаву математика аз фанни химия низ маълумотеро соҳибанд. Масалан, барои истеҳсоли хишти пухтаи хушсифат ҳар гуна хок ба кор намеояд.

Роҳбари "ҶДММ-и Сино Тоҷик-Стар" Муҳаммадалӣ Норбеков ва муовини ӯ Абдувоҳид Раҳимов дар деҳаи Ғуриёт таваллуд шудаанду дар ҳамин ҷо ба воя расидаанду дар дабистони ҳамин макон таҳсил карда, бо пару боли қавӣ ба арсаи васеи ҳаёт парвоз кардаанд. Онҳо хубтар мефаҳманд, ки барои сохтани қасру бинову варзишгоҳҳо беҳтарин масолеҳ хишти пухта аст. Хишти нағз пухтаву босифат истеҳсолгардида беҳтарин ва хубтарин маҳсулоти сохтмонист. Бинои бо ин гуна хишт бунёдёфта дар фасли зимистон гармиро нағз нигоҳ медораду дар фасли тобистон дохили хонаро салқин мекунад. Аз ин рӯ, дар қисми ғарбии деҳаи Ғуриёт корхонаи калони истеҳсолкунандаи хишти пухта сохта шуд, ки ҳангоми бо тамоми иқтидор кор карданаш то 200 нафарро бо кор таъмин кардан метавонад. Мардумон шоҳиданд, ки коргарони собиқадори ин корхона ба ягон ҷо ба муҳоҷирати меҳнатӣ намераванду бо музди кори ин коргоҳ рӯзгори худро обод месозанд. Таъкид бамаврид аст, мавзее, ки корхона бунёд ёфт, ҷойи ноободу вайрон ва чӯлистонро мемонд, ки ҳатто гиёҳи дуруст намерӯид. Ҳозир нигаред, гирду атрофи ин заводи хишт боғи дилкушои хуррамбаҳорро мемонад. Дар ин боғу бӯстон ҳар гуна дарахтони пурмева ба ҳосил даромада, коми касро ширин мекунанд. Ҳол он ки касе бовар надошт, дар ин замини камҳосили лалмӣ дарахт нашъунамо ёфта, ҳосил медода бошад. Агар вориди ин боғи калони пурдарахт шавед, ҳаргиз берун рафтанатон намеояд. Шояд пурсед, ки "Соҳибкор барои сабзондани ниҳолон обро аз куҷо гирифт?" Аз ҷарии хеле жарф об бехуда равон аст, ҳамон оби чашмаро боло бароварда, самаранок истифода бурд.



Зиёда аз 90% коргарону муҳандисону мутахассисони корхонаи хиштбарории ин макон сокинони деҳаи Ғуриётанд, ки қариб нисфашон соҳиби таҳсилоти олиянд ва боқимондаҳо маълумоти махсуси техникиро соҳибанд. Шогирдони мактаб нағз огоҳ шуданд, ки "Саноат истеҳсолот ва тавлидоте, ки молҳои хомро ба тариқи ҷараёни истеҳсолӣ кор карда мебарояд" ва саноатикунонӣ моро водор месозад, ки шумораи корхонаҳои истеҳсолиро зиёд кунонему маҳсулоти босифату дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазирро истеҳсол намоем, он вақт барои сокинони деҳот ҳам ҷойи кор мешавад ва ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ хеле пеш меравему сатҳи зиндагиямонро баланд мебардорем. Онҳо аллакай аз бисёр ҳунарҳои хиштпазӣ огоҳанд, зеро падар, бародар ва ё ҳамсояашон дар ҳамин корхона фаъолият доранд. Ҳар замон рафта, аз кору бори коргарону корфармоён бохабар мегарданд. Инчунин, ҳар замон омӯзгорони муассисаи таълимии № 17, мувофиқи нақша, ба он корхона саёҳат (экскурсия) ташкил мекунанд ва бо коргарону шароити корхона аз наздик ошно гардида, хеле чизро меомӯзанд. Баъзан коргарони пешқадамро ба мактаб даъват карда, бо онҳо соатҳои тарбиявии худро хеле шавқовар мегузаронанд. Масалан, вохӯрӣ бо кормандони корхона Кароматулло Шарифов, Мансур Раҷабов ва Абдугаффор Алиев хеле шавқовару хотирмон гузашта буд. Натиҷаи суҳбат ҳамин буд, ки яке аз шогирдон пешқадами муассиса Ҷасур Мардонов изҳор дошт, ки баъди хатми донишгоҳ бо ихтисоси муҳандис ба ин корхона ба кор омада, фаъолияти онро густардатар гардонда, доираи корашро боз ҳам васеътар ва шумораи коргаронашро афзун мегардонад.

Андалеб ном хонанда орзуи дилашро чунин ифшо намуд: "Пас аз хатми мактаби олӣ дар деҳа корхонаи калони консервабарорӣ бино мекунам, зеро дар ин макон меваву сабзавоти хушсифат бисёр парвариш карда мешавад, аммо дар натиҷаи ба зудӣ ҷамъ оварда натавонистани ҳосил ё худ набудани имконияти ба бозор баровардан тавонистан як қисми маҳсулот талаф меёбад".

Шогирди дигар Кароматулло Раҳматуллоев, ки ба ҳунармандӣ шавқи зиёд дорад, гуфт, ки ӯ корхонаашро васеъ мекунаду хоҳишмандону шавқмандонро ба устохонааш даъват карда, онҳоро бо кори доимӣ таъмин менамояд. Ӯ дуредгар аст. Яке аз хонаҳои истиқоматияшро ба устохонаи дуредгарӣ табдил дода, аллакай ҳунари бобоияшро аз худ кардаву сайқал дода, дару тиреза, хонтахта, ҷевон, нонпар, тахтаву тирчӯб ва дигар маснуоти ба рӯзгор даркориро месозад.

Муассисаи таълимии деҳаи Ғуриёт яке аз мактабҳои пешқадами шаҳри Ҳисор буда, омӯзгорону дигар кормандони ин даргоҳ ҳамеша бо шогирдони донишманду кордони худ фахр мекунанд. Олиму табибу мутахассисони варзидаи зиёд дорад мактаби № 17, ки ҳатто дар Корхонаи бузурги алюминии шаҳри Турсунзода дар вазифаҳои баланд кору фаъолият мекунанд. Омӯзгорон ва роҳбарони синфҳо ақидаву ташаббускориҳои шогирдони хешро ҳамеша ҷонибдориву дастгирӣ карда, онҳоро водор мекунанд, ки дар ҷодаи интихобкардаи худ устувор бошанд. Аввало, соҳиби дониши хуб бояд шаванд, зеро "ҳунар аз дониш ва дониш аз хониш аст" гуфтаанд ниёгони мутафаккирамон.

Саноатикунонии кишвар асоси ободии мамлакат мебошад. Нақшаи гузариши иқтисодии кишвари мо аз шакли аграрӣ-индустриалӣ ба индустриалӣ-аграрӣ, албатта, то рӯзи ҷашни 35-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ хоҳад шуд, шогирдону омӯзгорони муассисаи таълимии № 17 барои расидан ба ин мақсад тамому имкониятҳои хешро ба истифода хоҳанд дод.

*Ҳакималӣ НАЗАРАЛИЕВ, омӯзгори МТМУ-и № 17-и шаҳри Ҳисор*

АНДЕША

# Домони сабзи модар - парваришгоҳи тифлон

Таълиму тарбияи кӯдак дар ҷомеаи имрӯза хеле муҳим аст. Истеъдоди кӯдак дар оила инкишоф меёбад. Фикру эҳсос, иродаю хислат, шууру ахлоқи кӯдак аввалин бор дар оила ташаккул ёфта, муҳимтарин хислатҳои одобу ахлоқро аз волидайн меомӯзад, яъне устоди аввалини кӯдак волидайн мебошанд. Кӯдак хоҳ дар муассисаи томактабӣ тарбия гирад, хоҳ мактабхон бошад, тарбияи оила қимату арзиши худро ҳеҷ гоҳ гум намекунад, зеро поягузори таълиму тарбияи фарзанд падару модаранд. Зеҳну қобилияти кӯдак дар оила рушд меёбад. Кӯдакон дар оила бисёр кунҷков мешаванд, чунки меҳоҳанд, бо ашёе, ки онҳоро иҳота кардаанд, ошноӣ пайдо намоянд.

Дар марҳилаи инкишоф кӯдакон бо гармию сардӣ, сахтию нармӣ, вазнинию сабукӣ ҷисмҳоро эҳсос менамоянд ва бо ёрии падару модар бо муҳити атроф ошноӣ пайдо намуда, зеҳну тафаккури худро сайқал медиҳанд. Бозичаҳои рангоранг аввалин асбобҳои аёнии таълимии кӯдакон мебошанд. Устодони аввалини дониш, яъне падару модарро мебояд дар ин кор бениҳоят пурсабр ва меҳрубон бошанд ва ба саволҳои бешумори «чаро ин хел мешавад? ва «барои чӣ?» - и кӯдакон оромона ҷавоб гуфта тавонанд.

Падар модару бояд бо тамкину оромӣ ба фарзанди худ ҳама чизро омӯзонда, роҳи дурустро ба ӯ нишон бидиҳанд. Доир ба парвариш ва одоби фарзандон дар асари «Кимиёи саодат»-и мутафаккири барҷаста Муҳаммад Ғазолӣ омадааст, ки «Фарзанд амонатест дар дасти падару модар ва дилаш чун оби соф асту чун гавҳар нафис ва нақшпазир чун мум, аз ҳамаи нақшҳо холист. Чун замин пок аст ҳар тухме, ки дар он афканӣ, бирӯяд, агар тухми хайр афканӣ, ба саодати дин ва дунё расад. Агар бар хилофи он кунанд, бадбахт шавад ва аз ӯ корҳои ношоиста ба вуҷуд ояд, дар дунё ва қиёмат дар азоби он фарзанд падару модар низ шарик бошанд».

Дар ҳамин радиф, гуфтаҳои Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ёд меоянд, ки ҳангоми қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» изҳор дошта буданд, ки: фарзанд меваи умри одамизод аст. То замоне ки ҷон дар бадани инсон аст, набояд ӯ аз таълиму тарбияи фарзанд канораҷӯӣ кунад. Таҳлилҳои мутахассисон нишон медиҳанд, ки солҳои охир сатҳи тарбияи фарзандон то андозае паст рафтааст, ки баъзе падару модарон ба ин масъалаи муҳим беэътиноӣ зоҳир мекунанд ва ин боиси он мегардад, ки онҳо беназорат монда, субҳу шом дар кӯчаю хиёбонҳо, марказҳои дилхушӣ, бозиҳои компютерӣ вақти худро гузаронида, ҳатто ба мактаб намераванд».

Бо қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» имкониятҳои бисёр хубе фароҳам омад, ки насли солиму тарбиятдида ташаккул ёфта, барои ободиву пешрафт ва эътибори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ саҳмгузор бошанд. Бояд ҳар як аъзои ҷомеа нисбат ба талабот ва тарбияи дурусти фарзанд дар назди ҷомеа, миллат, оила ва фарзанд масъулияти бештарро ҳис намуда, барои иҷрои талаботи он кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Бояд падару модар ҳанӯз аз рӯзи ба дунё омадани тифлашон фикри тарбия ва саводнок шудани онро дар худ дошта бошанд. Тавре ривоят шудааст: Падару модари ҷавон аз Абуалӣ ибни Сино мепурсанд, тарбияи кӯдаки ҳафтрӯзаамонро аз кай оғоз кунем? Ӯ посух гуфтааст, ки аллакай ҳафт рӯз дер кардед, зеро тарбия аз рӯзи таваллуд оғоз меёбад.

Мутаассифона, баъзе аз волидон дар таълиму тарбияи фарзандон бетарафӣ зоҳир менамоянд. Ин ба он боис мегардад, ки фарзандон дар роҳи хато ба воя расида, оқибат ба ҳама гуна амалҳои номатлуб даст мезананд. Чунин волидайн аз кирдору бетарафии худ пушаймон низ мегарданд, вале чунонки дар урфият мегӯянд, «пушаймонӣ надорад оқибат суд».

Аз ин бармеояд, ки тарбияи аввалиндараҷа аз хонавода сарчашма мегирад ва устоду раҳнамои ҳар як шахс, пеш аз ҳама, падару модар ба шумор мераванд. Пас, зарур аст, ки волдайни муҳтарам дар роҳи дуруст ба воя расидани фарзандон камари ҳиммат баста, онҳоро дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори миллии умумибашарӣ ва фарҳангӣ тарбия намоянд, ҳуқуқу манфиатҳои фарзандонро ҳифз намоянд.

*Ҳотами ҲОМИД, «Омӯзгор»*

*Таҷриба медиҳад, ки одамон беш аз ҳама дар боздоштани забони худ кӯтаҳдастанд.*
*Спиноза*

«Омӯзгор» № 24, 16 июни соли 2022

▶ БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗАИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

# Ҷовидон бодо забони тоҷикон!

***Яке аз масъалаҳое, ки ҳамеша боиси нигаронии аҳли маънӣ мешавад, асолати забон ва поку беолоиш нигоҳ доштани он аст. Дар замони истиқлолияти давлатӣ забони тоҷикӣ мақому мартабаи худро аз ҳар ниго<br>ҳ устувор гардонид.***

Ташаббусҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масъалаи ба мақоми давлатӣ нишондани забони тоҷикӣ, нигоҳ доштани табиати аслии забон, аз нигоҳи луғавӣ пок кардани таркиби забон, баргардондани номҳои маҳаллу минтақаҳои гуногун аз калимаҳои ғайр ба забони тоҷикӣ, номгузории тоҷикӣ ва садҳо масоили ба ин монанд дар асл, бесобиқаанд ва ин сиёсати фарҳангии Пешвои муаззами моро нишон медиҳад. Ба вижа таълифи китоби пурарзиши «Забони миллат- ҳастии миллат» дар роҳи шинохти таърихи таҳаввул ва ташаккули забони тоҷикӣ беназир аст.

Дар ду чилди ин китоби пурарзиш муаллиф таърихи чандинҳазорсолаи таҳаввули забонро бо забони содаву фасеҳ ва сабки илмию оммавӣ барои дӯстдорони забони ноби тоҷикӣ, таърих ва адабу фарҳанг пешкаш кардааст.

Бахшида ба 30-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи забон ҳунарманди маъруфи тоҷик Ибодулло Машраб бо ҷазбаи илҳом аз асари «Забони миллат - ҳасти миллат»-и Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намоишномаи «Пайкари миллат»-ро навишт ва ин намоишномаро коргардони маъруф Давлаталӣ Убайдуллозода ба саҳна гузошт, ки аз ҷониби аҳли маънӣ ва тамошобинони соҳибзавқ хуб пазируфта шуд.

Тавре аз таърих медонем, Саффориён (873-899) ва Сомониён (899-(999) забонро ҳамчун силоҳи сиёсӣ дар муқобили араб барои расидан ба истиқлол истифода карда, бори аввал дар Хуросону Мовароуннаҳр дирафши истиқлолро баланд карда, сулолаву салтанатҳои бузургеро аз хонадонҳои наҷиби маҳаллӣ бунёд намуданд. «Амирони ватанпарасту донишпарвари сомонӣ барои эҳёи мероси фарҳангии пешазисломии худ низ кӯшишҳо карда, осори таърихию бадеӣ ва диниву ахлоқии муаллифони худӣ ва бегонаи асри хешро аз забони арабӣ тарҷума карда, ҳатто талош варзидаанд, Қуръони маҷидро ба тоҷикӣ (дарӣ, форсӣ) баргардонанд». (Забони миллат- ҳастии миллат», саҳ. 14)

Дар намоишнома Исмоили Сомонӣ барои ҳалли масъала гурӯҳеро аз ҳисоби мутафаккирону донишмандон даъват менамояд. Дар ин гурӯҳ, Абулфазли Балъамӣ, Абуабдуллоҳи Ҷайҳонӣ, Холиди Бармакӣ, Абулфазли Байҳақӣ, Низомулмулки Тӯсӣ ва Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ шомиланд. Қабл аз арзи матлаб шоҳи Сомонӣ таъкид менамояд, ки ин машварат комилан махфӣ бимонад. Махфӣ нигоҳ доштани ҳадафи пешгирифта, аз он хотир аст, ки хилофати Бағдод метавонад мисли Саффориён давлати Сомониёнро ҳам несту нобуд намояд. Аз ин рӯ, барои расидан ба мақсад ҳушёрии сиёсӣ лозим буд.

Шоҳ аз ҳозирин барои нигоҳ доштани арзишҳои таърихию миллӣ маслиҳат мепурсад. Балъамӣ мегӯяд, ки пеш аз ҳама, мо, бояд китоби муқаддаси «Авасто»-ро тарҷума намоем, то мардум сарчашмаи маънавию фарҳангии худро бидонанд.

Эпиграфи китоби «Забони миллат-ҳастии миллат», яъне «Танҳо забон аст, ки дар ҳама давру замон таърихи воқеӣ ва ростини миллатро дар ҳофизаи худ нигоҳ медорад» ҳамчун роҳнамои намоишнома аз ибтидо то охир нақши калидиро мебозад.

Қисмати охири намоишнома ғалабаи Инқилоби Октябр ва барпошавии ҷомеаи Шӯравии сотсиалистии Тоҷикистону талошҳои устод Айнӣ барои нигоҳ доштани ҳувияти миллӣ, покиза нигоҳ доштани забон, бедор намудани ҳиссии худшиносии миллӣ ва хидматҳои устод Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров дар ин ҷодаро барои бинанда пешкаш менамояд.

Пас аз намоиши ин саҳна Исмоили Сомонӣ бори охир пайдо мешавад ва порҳое аз шеъри «Пас аз мо»-ро мехонад.



Пас аз қироати шеър Исмоили Сомонӣ аз нав ба муҷассама мубаддал мешавад ва ба саҳна Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳозир мешавад ва чун дар огози намоиш назди муҷассама таъзим карда, рӯ ҷониби тамошобинон карда, андешаву маромашро дар бораи забон ва моҳияти таърихии он баён менамояд.

Бо садо додани порае аз шеър намоишнома анҷом меёбад.

Муҳтавои «Пайкари миллат» гувоҳи ин нукта аст, ки Ибодулло Машраб барои ҳосил кардани ғояи намоишнома китоби «Забони миллат- ҳастии миллат»-ро хуб аз бар кардааст. Чунин бардошти азим аз китоб ба касе муяссар мегардад, ки ӯ ба умқи ғояи асар сар фурӯ бурда бошад. Дониши амиқ боиси рангинии саҳнаи хаёли драматург шудааст. Дар намоишнома бештари шеърҳо аз ашъори устод Бозор Собир интихоб гардидаанд, ҳамчунин, шеърҳои Низом Қосим ва Ибодулло Машраб садо медиҳанд, ки ҳама саршори ғояҳои ватандӯстӣ ва эҳтиром ба забону миллатанд. Интихоби шеърҳо аз завқи баланди Ибодулло Машраб дар шинохти каломи бадеъ гувоҳӣ медиҳанд. Забони мувофиқи ҳол офаридан дигар аз фазилатҳои драматург ба ҳисоб меравад. Чун мавзуи намоишнома гиромидошти забон аст, муаллифи намоишномаҳо лозим аст, ки ба ҷанбаи луғавии забони персонажҳо аҳамияти ҷиддӣ диҳад. Чунончи, вақте Зардушт суҳбат мекунад, ягон калимаи арабӣ аз забонаш ҷорӣ намешавад. Агар драматург дониши казоии забонӣ намедошт, ба чунин комёбӣ ноил намешуд Дар намоишномаи «Пайкари миллат» Ибодулло Машраб ҳам нақши Исмоили Сомонӣ, ҳам Зардушти Имоми Аъзамро бозидааст, ки ҳар кадом нақш дар мавқеи худ нотакроранд. Дар бораи ҳунару мартабаи эҷодӣ ва фазилатҳои Ибодулло Машраб дар ин мухтасар зиёд таваққуф намекунем.

Иҷрои нақши Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Абдукарим Машраб ҳам хеле барҷаста бромадааст. Қаду қомати зебо, овози бурро ва симои дилкаши ин ҳунарманд нақшро хотирмон кардааст. Нақши Куръшро ҳам Абдукарим Машраб бозидааст.

Ҳунари коргардонии Давлаталӣ Убайдуллозода боис гардидааст, ки намоишнома ҷаззобу хотирмон барояд. Ӯ аз зумраи ҳунармандонест, ки на танҳо коргардони моҳиру ҳунарпешаи забардаст, балки донишманди тавонони соҳаи адабиёт низ ҳаст. Камина аз китобхонаи ӯ, ки ганҷинаи бебаҳоро мемонад, зиёд истифода кардаам. Бисёре аз донишмандони соҳаи филология донишу маърифатеро, ки Давлаталӣ дар шинохти адабиёту ирфон дорад, соҳиб нестанд. Шеваи зиндагии ӯ орифона аст. Дар шинохти «Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ фазилатҳое дорад, ки на ҳар адабиётшинос бо ӯ баробар шуда метавонад. Маҳз ҳамин фазилатҳои маънавӣ боис гаштааст, ки коргардон чунин намоишномаи маънавию фалсафиро барои саҳнаи театр ҷилвагар созад, ки дар ин ҷода ба хубӣ муваффақ ҳам гаштааст.

Д.Убайдуллозода коргардони Муассисаи Театри давлатии академии драмавии ба номи Лоҳутӣ аст. Ӯ пас аз хатми риштаи актёрии ДДСТ ба номи М.Турсунзода (1976) ва ЛГИТМиК-и шаҳри Ленинград (ҳоло Санкт Петербург, 1986) фаъолияти эҷодии худро дар Театри давлатии академӣ - драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ оғоз намудааст

Аз муҳимтарин нақшҳои офаридаи ӯ дар театр нақшҳои Терентий дар намоиши "Бозиҳои бераҳмона"-и А. Арбузов (Театри давлатии академӣ - драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ, 1978), Дато Хавтаси дар намоиши "Вақте ки шаҳр хуфта буд"-и Т. Чхеидзе (Театри давлатии академӣ - драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ, 1979), Девона дар намоиши "Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон" (Театри таҷрибавии "Аҳорун", 1991, барандаи ҷоизаи беҳтарин нақши мардона дар Ҷашнвора-озмуни "Наврӯз" миёни кишварҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон – Тошканд, 1993), Садриддин Айнӣ дар намоиши "Пайкари миллат"-и И. Машраб (Театри давлатии академии драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ, 2021) мебошанд.

Дар тӯли фаъолияти коргардонӣ мавсуф худуди 50 намоиши драмавиро рӯи саҳнаҳои дохил ва хориҷи кишвар (дар театрҳои Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб, Данғара, Конибодом, Бишкек) оварадааст.

Коргардон Д. Убайдуллозода ҳамчунин, дар солҳои истиқлоли кишвар дар барномаҳои ҷашнию фарҳангии сатҳҳои ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ ва озмунҳои ҳунарии дохилию хориҷӣ хузур ва иштироки фаъол дошт ва дорад.

Намоишномаи "Пайкари миллат" ҳунари олии коргардонии Давлаталӣ Убайдуллозодаро нишон медиҳад ва ин намоишномаро метавон аз шоҳкориҳои коргардонони тоҷик дар замони Истиқлолияти давлатӣ ном бурд. Дар ин намоишнома коргардон, ҳамчунин, нақши устод Айниро хеле барҷаста бозӣ кардааст. Барои дарёфти Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ пешниҳод шудани ин намоишнома аз ҳар ҷиҳат арзанда ва қобили дастгирист.

**Б.БОБОПУР,**
***адабиётшинос***

▶ ВОКУНИШ

Дар шумораи 18-уми ҳафтаномаи "Омӯзгор" (аз 5 майи соли 2022) мақолаеро таҳти унвони "Чаро ноболиғон даст ба фоҷиа мезананд"-ро мутолиа кардам. Дар ин навишта фикрҳои ҷолиби мутахассисон дар бобии хушунат, яъне зӯроварии хонаводагӣ оварда шудааст. Дуруст қайд мешавад, ки тибқи Конститутсияи Тоҷикистон, ҳаёт арзиши олӣ ва бебозгашт аст. Бинобар ин, давлат нисбат ба шаҳрвандоне, ки бо роҳи пастзадани мунтазами рии ҳуқуқвайронкуниҳо тадбирҳо андешанд.

Боби 13-уми Қонун талаб мекунад, ки ҳангоми аз таълиму тарбия дур мондани кӯдакон ва ба амал номатлуб даст задани онхо, инчунин, дар мавриди муайян кардани ҳолатҳое, ки ба ҳаёт ва саломатии кӯдак таҳдид менамояд, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ уҳдадоранд, ки мақомоти дахлдори давлатиро огоҳ созанд.

Қонун вазифа, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модарро дар таълиму тарби-

# Масъулияти волидон бештар аст



## Чаро ноболиғон даст ба фоҷиа мезананд?

***Ба худкушӣ даст задани ноболиғон аз масъалаҳои нигаронкунандаи ҷомеаи имрӯз маҳсуб меёбад. Солҳои охир ба худкушӣ даст задани ноболиғону занон бештар ба мушоҳида мерасад. Аслан, ҳаёт арзише нест, ки инсон ба осонӣ аз он даст кашад. Яъсу ноумедӣ, нобаробарӣ, муомилаи дурушти атрофиён ва боз чандин омили дигар одамонро ба худкушӣ водор мекунад.***

- Таҳлили вазъ нишон додааст, ки хушунати хонаводагӣ, носолим будани муҳити оилаҳо, бекорӣ, бемории рӯҳӣ, безурётӣ ва афсурдаҳолӣ шаҳрвандонро ба худкушӣ таҳрик дода, аксари онҳо бидуни намоишкорӣ дар ҷойҳои пинҳон ба тариқи овехтан худро аз зиндагӣ маҳрум менамоянд. Ин маънои онро дорад, ки шахс дар мавриди қатъи ҳаёт тасмими ниҳоӣ гирифтааст, - гуфт зани рӯзгордида Раъно Комилова. Бо назардошти он, ки ҳаёт арзиши олӣ ва бебозгашт аст, давлат нисбат ба шаҳрвандоне, ки бо роҳи пастзании мунтазами шаъну эътибор шахсро ба худкушӣ мерасонад, ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст.

кард. Ин амалаш боиси ғазаби модар гардид ва духтарашро як - ду лагад зада, гӯё дарси ибрат дод. Аммо, чунин рафтори модар охирин зарбаи сангине буд барои Фарзона ва косаи сабри ӯро лабрез намуд. Фарзона бо роҳи овехтан худро ба ҳалокат расонид. Барои расонидан ба худкушӣ модар ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуд.

Ба монанди Фарзона даҳҳо нафаре ҳастанд, ки дар даврони кӯдакиву наврасӣ ё ҷавонӣ ба худкушӣ даст мезананд.

Прокурори ноҳияи Шаҳритус Фаррух Рауфов изҳор дошт, бо сабаби оне ки Саида Шодиева безурёт буд, аз тарафи хушдоманаш ҳамеша таъна ю маломат мешунид. Аз фишорҳои зиёду пайдарпай оқибат Саида ба худкушӣ даст зад. Барои ӯро ба чунин ҳол расонидан хушдоманаш ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда, ба муҳлати 2 солу шаш моҳ аз озодӣ маҳрум гардид.

Коршиносон бар онанд, ки худкушӣ амали қаблан тарҳрезишуда ва ҳадафмандона аст, ки маънои эътироз ба атрофиён ва ҷомеаро дорад. Тавассути муносибати хуб бо занон, дарки ҳолати равонии кӯдакон ва роҳ ёфтан ба дили шикастаи онҳо метавон аз худкушӣ

баровардани кӯдакон аз ҳолати депрессивӣ истифода кардан лозим мебошад. Онҳоро ба равоншиносон ва духтурони равонпизишк нишон додан зарур аст.

Чунин муносибату рафтор мушкилоти оиларо осон мегардонад.

Таҳлилҳои прокурорӣ собит кардааст, ки дар асл ба чунин амали нангин даст задани ноболиғон сабабу асосҳои воқеии худро дорад. Бисёре аз

оила нисбат ба ноболиғон рафтори махсус кард. Зеро дар ҳаёти кӯдаки 13-14-сола баландшавии қад ва умуман, инкишофи ҷисмонӣ нисбат ба афзоиши

ақлониаш афзалият пайдо мекунад. Ақли биологӣ маънии ҳаракатҳои соҳибашро дуруст баҳо дода наметавонад. Дар ин синну сол ҳар шахс дар муҳити калонсолон «ман»-и худро меҷӯяд. Як сухани ночою бемав-

гуфт прокурор Фаррух Раупов.

Дар мактабҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои вилоят баҳри расонидани кумаки саривақтии психологӣ, пешгирии ҳодисаҳои худкушии наврасон хизмати психолог ва равоншинос ба назар намерасад.

1-уми июли соли 2004 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои пешгирии ҳодисаҳои даст ба худкушӣ задани шаҳрвандон» ба тасвиб расидааст. Тибқи ин қарор, мақомоти дахлдори давлатӣ, аз ҷумла, вазоратҳои маорифу тандурустӣ, фарҳанг, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ, Академияи илмҳои Тоҷикистон, кумитаҳои кор бо ҷавонон, варзиш, занон ва оила, оид ба дин, телевизион ва радио, Вазорати корҳои дохилӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо барои ба таври мунтазам андешидани чораҳои пешгирикунанда вазифадор карда шудаанд.

Сарҳатиби шаҳри Бохтар Усмоналӣ Нурзода изҳор дошт, ки дидаву дониста ба ҷони худ қасд кардан ва ё ба худкушӣ даст задан аз нигоҳи таълимоти дини мубини Ислом гуноҳ ва ҷиноят мебошад. Худованд дар ояти 195 сураи «Бақара» мефармояд: «Хештанро бо дастҳои худ ба ҳалокат маяфканед ва накукорӣ

шаъну эътибор шахсро ба худкушӣ мерасонанд.

Ҳар қонун масъулияти иҷрои худро талаб мекунад. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». Мақсад аз қабул гардидани қонун пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълим ва тарбияи фарзанд, ба ғамхории ҳамаҷониба фаро гирифтани онҳо дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллию умумибашарӣ, пос доштану тарғиби фарҳангу анъанаҳои эътирофгардидаи мардумӣ, дар ин раванд ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад.

Аён аст, ки давлат таълиму тарбияи фарзандро ба зимма гирифта, ҳамзамон, ин амалро аз падару модар омӯзгор (ва шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд), талаб менамояд.

Масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбия аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мариф, фарҳанг, тандурустӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, оид ба корҳои оила, кор бо занон ва оила, кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳои соҳавӣ танзим карда мешаванд.

Ба зиммаи мақомоти давлатӣ, муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки масъалаи вобаста ба таълиму тарбияи фарзандро танзим мекунанд, уҳдадориҳои масъулиятталаб гузошта шудааст. Аз ҷумла, онҳо бояд ба раванди таълиму тарбия дар низоми таҳсилоти умумӣ ва иловагӣ мусоидат намуда, оид ба пешгирии фарзанд ба таври дақиқ муқаррар кардааст. Масъулияти падару модар, хусусан, дар уҳдадориҳои муайяннамудаи Қонун возеҳ инъикос меёбад. Пешгирӣ намудани кирдорҳои зиддиҷамъиятӣ, муносибати дағалона бо атрофиён, халалдор намудани оромӣ, истифодаи суханҳои қабеҳ, рафтори хушунатомез дар кӯча, нақлиёт, манзили зист ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ҳамчунин, фарзандро аз харидu фурӯши моли ғайриқонунӣ ё роҳ надодан ба истифодаи ҷавоҳирот, зару зевар ва дигар ашёи қиматбаҳо аз ҷумлаи уҳдадориҳоест, ки аз падару модар маблағ не, фақат ғамхорию масъулиятро талаб мекунад. Риояи пӯшидани либосҳои расмии мактабӣ низ ба уҳдадориҳои падару модар дахл дорад.

Ҳарчанд аз қабул Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» беш аз ёздаҳ сол гузашта бошад ҳам, пӯшидани либосҳои мактабӣ ба пуррагӣ ба расмият нарасидааст. Ё худ аз хусуси кирдорҳои зиддиҷамъиятии кӯдакон, рафторҳои номатлуби онҳо ба мақомоти дахлдор, масъалан, бахши ҳуқуқи кӯдаки назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳия хабар дода намешавад: бадахлоқии кӯдакон дар муассисаҳои таълимӣ мавриди муҳокимаи манфиатбахш қарор намегиранд, падару модарон дар ислоҳи рафторҳои нохуби фарзандон кӯшиш намекунанд, бо ифодаи «Кӯдак аст, калон шавад, одам мешавад» уҳдадориҳои худро аз гардан сокитшуда меҳисобанд.

***Шодӣ НАЗАРЗОДА,***
***судяи суди ноҳияи Файзобод***

▶▶ **Намояндагони беш аз 50 кишвари ҷаҳон Қалъаи Ҳисор ва Боғи зимистонаи «Шаршара»-ро тамошо намуданд.**

**БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗАИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

# Достони қаҳрамонон

## Андешаҳо дар бораи романи «Саройи санг»-и Ато Мирхоҷа

**Моҳи июни соли 2019 овозаи ба нашр расидани романи «Саройи санг»-и Ато Мирхоҷа ба гӯшам расид. Барои дарёфтани асар ҳамаи китобфурӯшиҳои шаҳри Душанберо гаштам, вале наёфтам. Аз ин рӯ, ба Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон рафтам. Хушбахтона, муаллифи асар дар утоқи корияш буд. Гуфтам:**

**- Ба ман як нусха китоби «Саройи санг» даркор.**

Гуфт:

- Ҳозир занг мезанам, меоранд.

Тахминан баъд аз бист дақиқа китобро ба даст гирифтам ва Ато дар саҳифаи аввали китоб ин байти зеборо навишт:

*«Саройи санги мо дар хонаи ту,*
*Илоҳо, хонабон бошад зи Неру».*

Ато Мирхоҷаро чун шоир мешинохтам. Аз ин рӯ, шӯхиомезона гуфтам:

- Шеъри бисёр навиштӣ. Китобҳои зиёд ҳам ба табъ расондӣ, аммо дили ман гувоҳӣ медиҳад, ки туро ин асари ҷолиб соҳибҷоиза мегардонад.

Солҳои баъдӣ китобҳои дуюм ва сеюми ин асар ба табъ расиданд.

Ман шарм медорам, ки баъди андешаҳои устодон Саттор Турсун, Абдулҳамид Самадов, Гулназар Келдӣ, Шамсиддини Солеҳ, Ҳоким Қаландариён, Суннатулло Ҷонбобоев, Сайфулло Маҳкамов, Шоҳзодамуҳаммад Шерзодшоев, Замира Ӯлмасова, доктори улуми таърих Ҳайдаршоҳ Пирумшоев дар бораи ин асар ақидаи худро баён намоям, вале чун хонандаи одӣ шодии қалби худро баъди мутолиаи ин асар пинҳон дошта наметавонам.

Хабари ба Ҷоизаи ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ пешниҳод шудан романи «Саройи санг»-ро шунидаму ба мақоли «фариштагони даргузар омин кардаанд» эътиқодам зиёдтар шуд. Дар насри тоҷик то имрӯз дар бораи Бадахшон асари комиле навишта нашуда буд. Дар «Шӯроб»-и Раҳим Ҷалил чанд персонажи бадахшонӣ иштирок мекунанду халос.

Хонандаи тоҷик то имрӯз дар ин мавзуъ танҳо романи «Нисо»-и Павел Лукнитскийро мутолиа кардаасту бас. Ато Мирхоҷа то навиштани ин роман, ки дар чанд чилд ба итмом расиданашро ҳатто худи муаллиф намедонад, драмаҳо ва ҳикоёти зиёде навишт ва то андозае худро ба навиштани наср омода намуд. Қисме аз ин ҳикояҳо дар китоби «Андозчини рӯзадор» пешкаши хонандагон гашт.

Ато Мирхоҷа таърихи бойи Бадахшонро дар чорчӯбаи назм ғунҷонида натавонист ва рӯ ба наср овардани ӯ бурди адабиёти муосири мост. Роҳро барои эҷоди силсилароманӣ «Саройи санг» «Таърихи Бадахшон», ки ба қаламӣ донишмандон Охон Шоҳфитур Муҳаббатзода ва Охон Сулаймон Қурбонмуҳаммадзода тааллуқ дорад, кушодааст. Нависанда баъди чуқур омӯхтани асари ин донишмандон миёнро маҳкам баста, ба эҷоди асар шуруъ намудааст. Романи «Саройи санг» бо забони шевою оммафаҳм эҷод гардидаст ва барои имрӯзиён ва оянддагон хизматҳои босазое хоҳад кард.

Хонанда баробари ба мутолиаи ин роман пардохтан дигар наметавонад онро аз даст гузорад, чунки қаҳрамонҳои асар чунон сеҳраш мекунанд, ки барои донистани тақдири онҳо саҳифа ба саҳифа ба пеш меравад:

«Ҷаҳонгир аз дарбори шоҳ бо табъи хира баргашт. Вақте ки аз дарвозаи қалъа бадар омад, эҳсоси мағшуши пирӣ тамоми баданашро якбора фаро гирифт. Аз хаштод гузашта бошад ҳам, то кунун дар рагу пайвандаш хуни паҳлавонӣ аз ҷӯш намондааст. Аммо суханони тунду таҳқиромези Муҳаббатхон, гузашта аз ин, ба замин задани обрӯи паҳлавони солхӯрда вуҷуди Ҷаҳонгирро дарҳам шикаст, гӯиё аз тори кӯҳ банохост санги азиме канда шуда, ба сараш зад ва устухонҳои ӯро реза-реза кард».

Худи ҳамин дар ромади сухан хонандаро ба он вомедорад, ки пеш раваду пеш равад ва аз ин баҳри бепоёни сухан донаҳои марвориду гавҳари суханро чинад ва




ба рӯзгор ва софдилӣ ва таърину урфу одати аҳли кӯҳистон шинос гардад.

Метавон гуфт, ки романи «Саройи санг» беҳтарин достонварди насри даврaи Истиқлол аст.

Асосгузори романи таърихӣ дар адабиёти муосири мо Сотим Улуғзода мебошад. Муаллиф кори ин адиби номварро идома дода, асаре офаридааст, ки мавзую мӯҳтавои ва ғояву дарунмояи он воқеаҳои нимаи дуюми асри нуздаҳумро фарогир аст. Ман дар назди худ мақсад гузоштаам, ки фақат оид ба китоби якуми ин асар ақидаамро баён намоям.

Дар навиштани асар нависанда усули ҳикоя андар ҳикояро истифода бурдааст, яъне ҳар боби асар сарлавҳаи алоҳида дорад. Китоби аввал аз шасту ду боб, яъне шасту ду ҳикоя иборат аст.

Бояд қайд кард, ки Ато Мирхоҷа хонандаи хешро аз рӯи диди шоирона бо обу ранги бадеӣ ба расму русум ва таърихи як гӯшаи зебои диёр ошно мегардонад.

Воқеаҳои китоби якуми роман дар даврaи шоҳигарии Абдураҳимхон (1857-1867) ва писараш Муҳаббатхон (1867-1871) мегузаранд. Бесалоҳиятии ин шоҳони золим дар асар хеле хуб корбаст гардидааст.

Истисмори одам аз тарафи одам яке аз мавзуъҳои марказии асар аст. Кор ба ҷое мерасад, ки Муҳаббатхон дар замони сарвариаш ҳатто раҳми бародари кучаки хешро намехӯрад.

Романи «Саройи санг» барои омӯхтани номи маҳалҳои Бадахшон низ чун як дастур хизмат карда метавонад.

Нависандаи закитабъ дар образҳои типпикунонидаи мусбати асар Саид Фаррухшоҳ, Ҷаҳонгир, Мирзоазиз, Мулло Хишол, Манзаршоҳ, Доробшоҳ, Ҳайримуҳаммад ва садҳо персонажи дигар матонату мардонагии мардуми кӯҳистон ва хисси худшиносии миллии фарзандони барӯмандро нишон додааст, ки онҳо якҷоя образи халқи заҳматкашро ташкил медиҳанд.

Дар асар бо воситаи вожаҳо Ато Мирхоҷа портретҳое меофарад, ки эҷодкорро чун рассоми моникаламе дар назар ҷилва медиҳанд.

Аслан портретофарии устод Садриддин Айнӣ, ки захираи бойи луғавӣ дошт, хеле ҷолиб буд. Ато Мирхоҷа низ чун устод Айнӣ дар офаридани портретҳои мусбату манфӣ муваффақ гаштааст.

Масалан, симои Мирзоазизро аз нигоҳи бобояш хеле ҷолиб офаридааст: «Тану тӯш, бозуву кӯполи Мирзоазиз ӯро ҳаждаҳбистсола нишон медоданд. Ҳайкали чорпахлу, чеҳраи зебои бечурм, бинии тегдори баланд, пешонии васеъ, чашмони сиёҳи баррок, абрувони сермӯй, гарданi баланди бақувват, рухсораҳои сурхи мӯйсари чингилаи зич аз тандурустӣ ва тавоноии ӯ дарак медоданд».

Ҳамин тариқ, нависанда симои манфури Қулмуҳаммадбекро, ки як образи манфист, хеле хуб меофарад: «Вай ҷавонмарди шуғнонии тахминан сию панҷ - чилсолаи қаддарози биникалоне буд бо абрувони каммӯй, риши кулӯтаи сиёҳ, чашмони айёр, гардани дароз, пайкари чолоку чандир».

Ҳангоме ки кас романи «Саройи санг»-ро мутолиа мекунад, дармеёбад, ки саҳифае бе факту далел нест. Ҳамаи инро тахайюлоти нависанда пиндоштан хатост. Маълум мешавад, ки нависанда барои офаридани ин асари ҷолиб роҳи тӯлониро тай кардааст, бо ҳазор касу ҳазор маҳаз рӯ ба рӯ омадааст, то ин асари гаронбаҳо ба дасти хонанда расад.

Хонанда ҳис мекунад, ки нависанда пеш аз офаридани ин асари бебаҳо аз Ишкошим то Мурғоб, Бартанг, Ванҷ, Дарвоз, Рӯшон ва ғайраро деҳа ба деҳа гашта, бо мардум ҳамсуҳбат шудааст, аз пирони рӯзгордида сабақ омӯхтааст.

Китоби якуми асар бо марги яке аз қаҳрамонҳои марказии асар Исҳоқ ба поён мерасад. Исҳоқ пеш аз марг зану шавҳари ҷавон Сабзкадам ва Сабзагулро аз доми асорат мераҳонад ва бо худ ба Бадахшон расонданӣ мешавад, вале дар нимароҳ марг ӯро дармеёбад ва охирин васияти худро баён мекунад: «Хеле хуб...— суханашро ба азобе идома дод Исҳоқ,— маро дар ҳамин ҷо гӯронед. Қафо нагардед,... ба ватан равед..., рост ба назди... Ҷаҳонгир... Афсӯс, ғарибгӯр шудам. Ба халқ узри маро бирасонед, бигӯед, ки маро бибахшанд... Ман сазовори маргам...

Ӯ ду-се бор лаб ҷунбонду ҷон дод».

Забони асар хеле ҷолиби дилкаш аст. Нависандаи пуртаҷриба, ки пеш аз ин роман қиссаи ҷолиби ҳаҷвии «Сагоҷак»-ро офаридааст, дар асар аз зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехта ба таври фаровон истифода бурдааст.

Бешубҳа, романи бисёрҷилдаи «Саройи санг» сазовори қадрдонӣ ва ҷоизаҳост.

***Исмоил ЗАРИФӢ***

**ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲЕМ**

# Дар кадом ҳолат хонанда дар синфаш мононда мешавад? -



**бо чунин суол омӯзгори математикаи МТМУ №12-и ноҳияи Хуросон Табаралӣ Нуров ба нашрия муроҷиат кард.**

***Вобаста ба саволи мазкур бандҳои Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «_1_» июни соли 2016, №237 тасдиқ гардида, аз 25.09.2018, №484 ба он тағйиру иловаҳо ворид шудааст, оварда мешавад***

64. Хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки барномаҳои таълимиро дар соли таҳсил пурра аз худ кардаанд, пас аз гузаштан аз аттестатсия ба синфи дигар гузаронида мешаванд. Хонандагони синфҳои 2-3, ки аз 2 фанни таълимӣ баҳои солонаи ғайриқаноатбахш доранд, бо қарори Шурои педагогӣ такроран дар синфашон мононда мешаванд.

65. Хонандагони синфҳои 4-8, 9, 10 (11), ки аз 2 фанни таълимӣ баҳои солона ва ё ҷамъбастии ғайриқаноатбахш доранд, бо қарори Шурои педагогӣ ба аттестатсияи такрорӣ тобистона мононда мешаванд. Масъулияти бартараф кардани қарздории хонанда дар давоми соли таҳсил ба зиммаи омӯзгори фаннӣ ва падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) гузошта мешавад. Дар вақти тобистон (моҳи август) бо ин хонандагон машғулиятҳои иловагии таълимии дуҳафтаина ташкил карда, масъалаи гузаронидани онҳо ба синфи дигар баъди натиҷаи аттестатсияи такрорӣ ҳал карда мешавад.

70. Агар хонанда аз фанне, ки ба аттестатсия дохил карда шудааст, баҳои солонаи ғайриқаноатбахш дошта бошад, ба аттестатсияи ҳамон фан роҳ дода нашуда, ба аттестатсияи такрории тобистона мононда мешавад ва баъди ислоҳи баҳои солона ва супоридани аттестатсияи такрорӣ ба синфи дигар гузаронида мешавад.

73. Хонандагони синфи 11 (12), агар аз фанне, ки ба аттестатсия дохил карда шудааст, баҳои солонаи ғайриқаноатбахш дошта бошанд, ба аттестатсияи ҳамон фан роҳ дода намешаванд. Ҳамчунин, дар сурати аз аттестатсия баҳои ғайриқаноатбахш гирифтан ва ё доштани баҳои ғайриқаноатбахш аз ягон фанни таълимӣ ба онҳо дар бораи шунидани курси таҳсилоти миёнаи умумӣ бо нишон додани баҳои ҳамаи фанҳои таълимӣ маълумотнома (справка) дода мешавад. Онҳо метавонанд дар муҳлати 3 сол (адои хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон ба ин муҳлат дохил намешавад) дар ҳамон муассисаи таълимие, ки таҳсил кардаанд, аз аттестатсия гузаранд. Пас аз сипарӣ шудани муҳлати муқарраргардида танҳо бо иҷозати Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (баъди пешниҳоди аризаи шахсӣ, маълумотнома аз муассисаи таҳсилоти умумӣ, ҷамъбасти баҳои нимсолаи 1, 2 ва солона, қарори Шурои педагогӣ оид ба роҳ додан ба аттестатсияи хатм ва фармоиши директори муассисаи таълимӣ оид ба роҳ додан ба аттестатсияи хатм) роҳ дода мешавад.

74. Хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (ба истисноӣ хонандагони синфи як), ки 40 рӯз ва зиёда аз он пай дар пай ба дарсҳо бесабаб иштирок накардаанд, дар синфашон такроран мононда мешаванд.

75. Масъалаи аз синф ба синф гузаронидан ва ба аттестатсия роҳ додани хонандагонеро, ки то 80 рӯз бо сабаби беморӣ ба дарсҳо иштирок накардаанд, дар сурати пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда (хулосаи Комиссияи машваратӣ-тиббӣ) Шурои педагогии муассисаи таълимӣ баррасӣ менамояд.

76. Дар сурати ба ҷойи дигар кӯчида рафтани хонанда, ба ӯ ҳуқуқ дода мешавад, ки бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дахлдор бо роҳхати раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳр (ноҳия) дар муассисаи таълимии ҷойи нави истиқоматиаш аз аттестатсия гузарад.

Маълумоти мазкур аз раёсати таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид.

***Таҳияи Шодӣ РАҶАБЗОД, "Омӯзгор"***

**Намояндагони ширкатҳои сайёҳии Тоҷикистон ва Россия ҳамкориро дар самти ҷалби бештари сайёҳон густариш медиҳанд.**

Агар мехоҳед, зиндагӣ ба рӯятон хандад, нахуст ба ӯ табассум кунед.
Спиноза

«Омӯзгор» № 24, 16 июни соли 2022

ШАРАФМАНД

# Номи неку монда аз ӯ

*Аз рӯзгорони ҳар шахсе метавон асаре ёддоштӣ таҳия кард, вале на ҳамаи ин гуна асарҳо хонданиву ҷолиб ва муассир хоҳанд буд. Рӯзгорони он афроде гуфтаниву сутуданист, ки умре дар соҳил набудаанд, балки ба дарё афтодаву бо амвоҷаш даровехтаанд, дар моварои ҳаводиси зиндагӣ бетарафу бепарво, тамошобин набудаанд, ҳаёти ғанимати худро бештар ба манфиати мардум, ба хидмати халқу Ватан сарф кардаанд. Ба гуфтаи хирадманде, ончунон бояд зист, ки дар фарҷоми зиндагӣ худ бигӯӣ, «воқеан ҳам, зистам!» ва дигарон бигӯянд, ки «чӣ зиндагие неку ба сар бурд ӯ...»*

Ин ҳодисаи камназир тирамоҳи соли 1958 ба вуқуъ пайваст. Шаҳри Душанбе (он вақт Сталинобод). Театри опера ва балети Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Маҷлиси тантанавӣ ба ифтихори солгарди Инқилоби Октябр ва ҷамъбасти корҳои саҳроӣ. Дар ин ҳамоиши бонуфуз роҳбарони ҷумҳурӣ (Т. Улҷабоев, Н. Додхудоев...), намояндагон аз тамоми минтақаҳои кишвар, намоянда аз Маскав ва зумрае аз фаъолони истеҳсолот гирд омада буданд. Дар қисмати хотимавии ҳамоиш ба як қатор пешқадамони соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷумҳурӣ мукофотҳо супорида шуданд. Донишҷӯи соли чоруми ДДОТ ба номи С.Айнӣ (собиқ Институти давлатии педагогии шаҳри Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко) Тӯйчибой Ҷӯрақулов дар қатори пешсафон, ба дарёфти Ифтихорномаи Шурои ҶШС Тоҷикистон мушарраф гашт. Аҳли толор ба шарафи комёбии барҷастаи донишҷӯи меҳнатдӯст бардавом кафкӯбӣ карданд. Тӯйчибойро ҳисси гарму гуворое фаро гирифт. Андешид, ки воқеан ҳам, ҳар амалеро подошест сазовор ва дар гӯшаи хотираш байте рӯшан шуд, ки аз китобе хонда буд:

*Аз мукофоти амал ғофил машав,*
*Гандум аз гандум бирӯяд, ҷав зи ҷав.*

Ин ҳодиса гардиши куллие ба амал овард дар мафкураи ҷавони деҳотӣ. Таваҷҷуҳаш, ихлосу эътиқодаш ба меҳнати босамар, ба азму иродат бештар гашт, дарёфт, ки маҳз меҳнати ҳалолу судманд ва манфиатовар ба ҳамагон ба кас шаъну шараф мебахшад ва зиндагиашро саршор аз фараху шодмонӣ мекунад. Дуруст мегуфтааст модари азизаш, ки «Кор калиди бахт аст, касе, ки ранҷ мекашад, ба ганҷ мерасад». Тӯйчибой Ҷӯрақулов ба шарофати меҳнати самарабораш дар давраи пахтачинии донишҷӯён (ёрӣ ба пахтакорон) соҳиби ифтихорнома гардид. Ӯ дар як рӯз аз 300 то 350 кило пахтаи тоза меҷид ва бо ин корномааш ҳамаро ба ҳайрат гузошта буд; чӣ тавр як ҷавони кӯҳистонӣ (аз ноҳияе, ки дар он аз пахтаю пахтакорӣ асаре нест) ин қадар чусту чолок пахта мечинад, гӯё дар ҷӯяки пахта калон шуда бошад?! Ҳамкурсонаш бо шӯхии ифтихоромез Тӯйчибойро «мошини пахтачинӣ» мегуфтанд. Баъзеҳо аз кунҷковӣ сирри комёбиашро мепурсиданд. Ҷавони деҳотӣ дар ҷавоб хомӯш мемонд, танҳо табассуме гирди лабонаш гул мекард, ба иддае аз якравон ҳикматеро иқтибос меовард: «Азму ҷаҳд осон кунад ҳар мушкиле, эй дӯстон».

Тӯйчибой Ҷӯрақулов дар оилаи афроди заҳматкашу меҳнатқарин ба дунё омада буд (соли 1929). Аз падар барвақт (дар сездаҳсолагӣ) маҳрум монда, зери парастории модари мушфиқ ба воя расид. Мегӯянд, ки падараш марде таҳамтан, зӯрманду меҳнатқаш будааст ростқавлу боинсоф. Соли 1943 дар ақибгоҳи Ҷанги дуюми ҷаҳон – дар шаҳри Челябинск фавтидааст. Ин ҷо ҳамчун коргари заводи металлбарорӣ (дар баталиёни меҳнатӣ) кор мекардааст.

Як бародари Тӯйчибой низ шаҳиди ин ҷанги беамон гардидааст. Аҳли оила рӯзгори гарону машаққатбор доштанд ва ҳама аз субҳ то шом машғули меҳнати тоқатфарсо буданд. Тӯйчибой низ ҳамарӯза фориғ аз дарсҳо дар мактаби зодгоҳ (деҳаи Урметани ноҳияи Айнӣ) ба назди модару хоҳару бародаронаш омада, дар корҳои саҳрой ба онҳо мадад мерасонд. Яъне ӯ аз хурдӣ дар кӯраи меҳнат обутоб ёфтаву кӯшову иродатманду таҷрибаандӯхта шудааст ва барвақт дарк кардааст, ки:

*Бе заҳмату кор нон намебояд хӯрд,*
*Як луқма ба ройгон намебояд хӯрд.*

Тӯйчибой Ҷӯрақулов пас аз хатми мактаби олӣ бо талабу исрори аҳли деҳаи Урметан ва роҳбарияти ноҳияи Айнӣ ба зодгоҳаш баргашта, дар мактаби деҳа ба сифати омӯзгори таърих ҳуқуқ оғози фаъолият намуд. Дар ҳамин таълимгоҳ ва асосан дар ҳамин вазифа фаъолияти ӯ қариб ним аср муназзам идома ёфт. Илова ба омӯзгорӣ, соле чанд дар вазифаҳои расмию ҷамъиятии ҷонишини директори мактаб, сарвари пешоҳангон, котиби ташкилоти комсомолӣ, раиси иттифоқи касаба, котиби кумитаи ҷамъияти Ҷамоати деҳот, раиси кумитаи назорати халқӣ, таблиғгари (лектори) маорифи сиёсӣ... кор кард. Чун мактаби деҳаву мактаби олиро дар сатҳи аъло ба итмом расонда буду донишу ҷаҳонбинии васеъ, маҳорати баланди суханварӣ дошт, дар микёси мактабу деҳаву ноҳия зуд обрӯманд шуд, мақоми шоиста дарёфт.

Машғулиятҳояш бо шогирдон мунтазам пурсамару ҷолиб ва бо истифода аз усулҳои навоваронаи таълиму тарбия



баргузор мешуданд. Шогирдонаш дар озмунҳои гуногун пайваста комёб мегаштанд. Имрӯз аҳли Урметан дар ҳар мавриди муносиб ёдрас мешаванд, ки устод Ҷӯрақулов хонандагонро самимона дӯст медошт, аксаран дар ҳалқаи онҳо буду бароишон ҳикоёти ҷолиби тарбиявӣ нақл мекард.

Чанд гурӯҳи шогирдонашро ба тамошои шаҳрҳои таърихии Бухорою Самарқанду Тошканд бурду дар оғӯши мавзеъҳои бостонии ин шаҳрҳо дарсҳои сайёр оид ба таърих фарҳангу тамаддуни ниёгон баргузор кард. Ҳамбаста ба таълиму тарбияи хонандагон, ба кори эҷодӣ машғул мешуд. Дар заминаи нигоштаҳояш оид ба таълиму тарбия ҳафт маротиба дар хониши педагогии ҷумҳуриявӣ ширкат варзида. Ба дарёфти ҷоизаҳо мушарраф гашт. Ҳамчунин, дар теъдоди зиёди конфронсҳои илмию методии вилоятиву ҷумҳуриявӣ иштирок дошту суханронӣ кард.

Ҳамеша рӯи даст ва андаруни ҷузвдонаш чанд рӯзномаву маҷаллаи тозанашр дошт устод Т.Ҷӯрақулов. Китоб ба маънои томи сухан «рафиқу ҳамдаму ҳамрози ӯ буд». Дӯст медошт бо ҳамкорон, дӯстон, шогирдон муҳовара оростанро перомуни мақола ё китоби ба тозагӣ хондааш.

Дар навиштани хабару мақолаҳои муҳтавоманд низ қаламаш расо буд. Навиштаҳояш дар матбуоти ноҳиявию вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ мунтазам ба нашр мерасанду аксар акси садову ҳамовозӣ пайдо мекарданд. Аз мазмуну муҳтавои чанде аз мақолаҳои устод, ба вижа, аз нигоштаҳояш «Кашшофи Саразмро ёд кунед», «Босмачӣ даҳшатафкан буд», «Комиссияҳои маҳаллӣ масъуланд», «Исроф ба қашшоқӣ мебарад», «Омӯзгор-кашшофи Саразм», «Танзимро то охир мебояд бурд», «Тарбияи рӯҳияи худшиносии миллӣ»... имрӯз ҳам мардум зимни суҳбатҳо ёдовар мешаванду ишора ба дурандешиву воқеиятбинӣ ва ҳақиқатнигории муаллиф мекунанд.

Чунончи, ҳанӯз соли 2007 дар «Исроф ба қашшоқӣ мебарад» ном мақолааш («Минбари халқ», 19 май) устод Т.Ҷӯрақулов навишта буд: «Вақте ки ҳамаи дастуру супоришҳои Президенти кишвар иҷро мешаванд, дар зиндагию корбарии мардум, дар шуури онҳо, инқилоби маданиву маънавӣ ба амал омада, пулпарастӣ, шуҳратпарастӣ, таънакунии якдигар, коррупсия, беадолатӣ, худписандӣ барҳам хӯрда, ахлоқи ҳақиқии ҳамидаи инсонӣ ҷорӣ мешавад».

Устод Тӯйчибой Ҷӯрақулов таблиғгари волосухани сулху ваҳдату дӯстӣ буд ва ҷавононро ба ватанпарвариву меҳнатдӯстӣ даъват мекард, ба ҳамагон зимни нишасту суҳбату маъракаҳо ҳадафу муҳтавои халқпарваронаю оқилонаи Сарвари кишварро тавзеҳ мебахшид. Батакрор таъкид мекард, ки «Сулҳу амнияти чу бошад пойдор, Зиндагию кор мегирад барор». Соли 2014 бо қарори раиси ноҳияи Айнӣ 85-солагии ин марди шариф ва садоқатпеша дар зодгоҳаш – деҳаи Урметан таҷлил гардид, ки ин, пеш аз ҳама, нишони эътиқоду эҳтироми мардум ба фарзанди шарафманди диёр буд.

Устод то вопасин рӯзҳои ҳаёти пурбаракаташ ҳамдаму ҳамрози ҳамагон буд, маъракаҳоро бо маслиҳату дастурҳои судмандаш роҳбарӣ мекард, панду андарз ба ҷавонон мегуфт ва низ, ҳамчун раиси Ҷамъияти собиқадорони ҷанг меҳнати Ҷамоати деҳоти Урметан фаъолият дошт.

Ӯ моҳи майи соли равон дар 93-солагӣ аз олам даргузашту аз худ номи нек боқӣ гузошт. Устод фарзандони солеҳ низ парваридааст, ки имрӯз дар соҳаҳои гуногун кор мекунанду номбардори падаранд: Иброҳим – корманди Вазорати маориф ва илм, Шаҳло – ҳамшираи шафқат, Шоҳин – соҳибкор, Сулҳия – ҳамшираи шафқат, раиси Шӯрои занони деҳаи Урметан, Ховар – байтор, Ҳасанбой – омӯзгор, Фотима – омӯзгор, Хуршед – ҳунарпешаи дар Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи А.Ҷӯраев.

Барои хидматҳои бардавому бофайзаш устод Тӯйчибой Ҷӯрақулов бо унвони «Корманди шоистаи Тоҷикистон», нишонҳои «Ветерани меҳнат» ва «Аълочии маорифи Тоҷикистон», ҳамчунин, бо якчанд ифтихорномаю сипосномаи мукофотонида шудааст.

*Чу ӯ озодамарде дидаам кам,*
*Аз ӯ номи наку монда ба олам.*

**Абдурауф МУРОДӢ,**
**«Омӯзгор»**

ШАМЪИ ХОТИРА

# Гиромидошти омӯзгор ва олим

Муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи умумии №97-и ноҳияи Сино ба номи доктори илмҳои техникӣ, профессор Абдулхақ Оев (1963-2014) гузошта шудааст. Ин шахсияти шинохта яке аз муҳандисони номвари соҳаи сохтмон ва роҳсозии кишвар буда, дар бунёди даҳҳо иншоооту пул, гузаргоҳҳои зеризаминӣ дар пойтахти мамлакат ва дигар нуқоти кишвар ҳиссаи сазовору мондагор гузоштааст. Зиндаёд солҳои 2010-2014 дар вазифаи муовини раиси шаҳри Душанбе кору фаъолият карда барои ба шаҳри замонавӣ табдил додани пойтахт як қатор барномаҳои бунёдкории муосирро пешниҳод намудааст, ки аксари онҳо аз ҷониби Ҳукумати мамлакат пазируфта шудаанд.

Ба наздинӣ намояндагони ҶДММ «Муҳандисони роҳнамо», дар таълимгоҳи мазкур бо омӯзгорони собиқадор ва хонандагон мулоқот анҷом доданд. Аксари онҳо шогирдони профессор А. Оев маҳсуб ёфта, зимни суҳбати самимона аз хотираи неки ин фарзанди фарзонаи миллат ёдварӣ карда, изҳор доштанд, ки профессор А.Оев дар 51- солагӣ ҷаҳонро бар асари як тасодуми нақлиётӣ падруд гуфт. Аммо вай дар ин умри кӯтоҳ дар баробари анҷом додани корҳои бузург, инчунин, аз хеш осори гаронбаҳои илмӣ боқӣ гузошт. Як ҷанбаи пурсамари фаъолияти шодравон омӯзгорӣ буд ва ӯ шогирдони зиёдеро ба камол расондааст, ки имрӯзҳо кору пайкори устоди ормонии худро бо сари баланд идома медиҳанд.

Муовини роҳбари ҶДММ «Муҳандисони роҳнамо», номзади илмҳои техникӣ Т. Расулов ва менеҷери идоракунии ҷамъияти мазкур М. Дӯстов дар мулоқот бо омӯзгорон ва хонандагони муассисаи таълимӣ аз фаъолияти пурсамари педагогии А. Оев ёдоварӣ карда, аз он изҳори қаноатмандии сипос намуданд, ки муассисаи таълимии мазкур ба номи эшон гузошта шудааст. Замоне олими шинохтаи тоҷик дар ин ҷо таҳсил карда буд.

– Ман яке аз шогирдони профессор А. Оев мебошам,– иброз дошт зимни мулоқот Т. Расулов.– Устодам маро ба олами илм роҳнамоӣ кард, ҷавон ҳам буд, ба шогирдон муносибати падарона дошт. Мо хотираи устоди гаронқадри худро ҳамеша гиромӣ медорем. Шумо мактабиёни азиз, хубу аъло хонед, ватану миллатро мисле, ки равоншод А. Оев дӯст медошт, дӯст доред барои пешрафту шукуфоии он бикӯшед.

Дар идома Т.Расулов вобаста ба тасмими расондани кумаки молиявӣ ба муассисаи таълимии мазкур аз ҷониби кормандони ҶДММ «Муҳандисони роҳнамо» изҳор дошт, ки ин тасмими ихтиёрӣ буда, мехоҳанд ба омӯзгорони собиқадор ва хонандагоне, ки аз оилаҳои ниёзманд ҳастанд, ба қадри имкон кумак расонанд. Дар ин замина ба панҷ нафар омӯзгори собиқадор ва ба омӯзгороне, ки дар тарбия ва дастболо гардидани хонандагони муассиса, ки дар озмуну олимпиадаҳои фаннӣ саҳмгузор гаштаанд, ба 10 нафар хонандаи аълохон ва ба 10 нафар хонанда аз оилаҳои ниёзманд, кумаки молиявӣ расонда шуд. Ҳамзамон, аз тарафи ҷамъияти мазкур бештар аз 100 нусха китоби дарсӣ ба китобхонаи муассиса тақдим гардид.

Директори муассисаи таълимии мазкур Ф. Ойзода ба роҳбарияти ҶДММ «Муҳандисони роҳнамо» барои чунин ғамхорӣ изҳори миннатдорӣ карда, хотиррасон намуд, ки муассисаи таълимӣ тайи солҳои охир дар пешрафти таълиму тарбия дастовардҳои назаррасе зиёде дорад, ки дар ин кор саҳми ҳам омӯзгорони собиқадор ва ҳам омӯзгорони ҷавон хеле зиёд мебошад.

**Фаридун ОЙЗОДА,**
**директори МТМУ №97-и ноҳияи Сино ба номи профессор А.Оев**

ЭЪЛОН

# Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

*иттилоъ медиҳад, ки қабули ҳуҷҷатҳо ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар тибқи Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дурахшандагон" дар зинаҳои таҳсилотӣ: бакалавр, мутахассис, магистратура (ординатура), аспирантура ва докторантура то 20.06.2022 давом дорад.*

**Номгӯйи ихтисосҳо аз рӯйи зинаи таҳсилот:**

**Бакалавр:**

1. Сурдопедагогика – информатика
2. Геодезияи муҳандисӣ, маркшейдерӣ ва харитасозӣ
3. Огоҳкунӣ ва бартарафсозии оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода
4. Автоматонии равандҳои технологӣ дар истеҳсолот (саноати сабук)
5. Математикаи амалӣ
6. Тарҳрезӣ ва лоиҳакашии компютерии воситаҳои радиоэлектроника
7. 3D-дизайнер, веб-дизайнер, дизайнер-техник дар соҳаи саноати сабук
8. Физик-механик
9. Инженер-конструктор
10. Геофизики соҳаи нафту газ
11. Коргардон-барномасози чандрасонаӣ (Режиссёр анимации и компьютерной графики – мультимедиа)
12. Ҳифзи комплекси объектҳои иттилоотонӣ
13. Пармакунии чоҳҳои нафт ва газ
14. Муҳандис оид ба обтаъминкунӣ ва рафъи обҳои партов
15. Мутахассис оид ба идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об
16. Экотаҳлилгар дар сохтмон
17. Филмноманавис
18. Наворбардори филмҳои ҳунарию мустанад
19. Пиротехник

**Мутахассис:**

1. Геохимияи амалӣ, минералогия ва петрология
2. Усулҳои геофизикии ҷустуҷӯӣ ва иктишофи конҳои канданиҳои фоиданок. Муҳандис дар соҳаи ҳимояи релегӣ ва автоматика
3. Системаҳои автоматикунонии лоиҳакашӣ
4. Офталмолог барои гузаронидани амалиёти ҷарроҳии ретиналӣ, ҷарроҳии пластикии чашм
5. Духтури варзишӣ
6. Психотерапевт

**Магистратура:**

1. Тибби ветеринарӣ – фарматсевт
2. Осорхонашиносӣ ва ҳифзи ёдгории таърихию фарҳангӣ
3. Гидрометеорология ва метеорология
4. Ҳуқуқшиноси байналмилалӣ
5. Бозорҳои молиявӣ ва институтҳо
6. Стратегияҳои молиявӣ ва таҳлил
7. Иқтисоди рақамӣ
8. Муҳандис вобаста ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия
9. Мутахассиси кӯпруксоз
10. Мутахассиси нақбхо
11. Гармидиҳӣ, шамолдиҳӣ, кондитсионерӣ ва газтаъминкунӣ
12. Биофизика
13. Амнияти иттилоотӣ (компютерӣ)

**Аспирантура:**

1. Конструксиҳои сохтмонии биноҳо ва иншоот
2. Системаҳои энергетикаи барқӣ ва комплексҳо
3. Химияи таҳлилӣ
4. Технологияи иттилоотӣ
5. Дорусозӣ
6. Ҷарроҳии қафаси сина
7. Тавлиди доруворӣ
8. Диетология
9. Эндоурология
10. Генетикаи тиббӣ

**Докторантура:**

1. Таҳлили математикӣ
2. Физикаи экспенименталӣ
3. Технологияи полиграфӣ ва борҷомасозӣ
4. Муҳандис вобаста ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия
5. Эпидемиология
6. Биологияи молекулавӣ
7. Радиобиология
8. Технология ва тарҳрезии маҳсулоти саноати сабук
9. Вирусология

**Ординатураи клиникӣ:**

1. Ҷарроҳи қафаси сина
2. Беморихои асаб
3. Ҷарроҳи абдоминалӣ
4. Анатомияи патологӣ
5. Наркология
6. Тибби судӣ

**Ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои иштирок дар озмун:**

1. Ариза (намуна дар марказ пешниҳод мешавад)
2. Анкетаи шакли муқарраршуда (дар марказ пешниҳод мешавад)
3. Нусхаи шиноснома
4. Нусхаи нотариалии тасдиқшудаи шаҳодатномаи таваллуд
5. Ҳуҷҷат дар бораи таҳсилот: аттестат ё маълумотнома (бо муҳр ва сурат) аз муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар бораи хатмкунандаи синфи 11 будан. Нусхаи диплом бо замимаҳояш (барои дарёфти зинаи таҳсилоти бакалавр, мутахассис, магистр, аспирант ва доктор)
6. Маълумотномаи тиббӣ 0,86 ё 0,38 ва ВИЧ/СПИД
7. Маълумотномаҳо аз диспансерҳои наркологӣ ва психоневрологӣ
8. Сертификати забонҳои хориҷӣ (TOEFL/IELTS, HSK ва ғайра (дар ҳолати мавҷуд будан)
9. Дастовардҳои довталаб (дипломи дараҷаи 1,2,3, сертификат, медал, ифтихорнома ва ғайра дар ҳолати мавҷуд будан)
10. Реферат аз рӯи мавзуи интихобгардида (барои дарёфти зинаи аспирант ва доктор)
11. Мактуби тавсиявӣ (рекомендательное письмо)
12. Маълумотнома аз ҷои истиқомат
13. Нусхаи шиносномаи падару модар
14. Маълумотнома аз ҷои кори падару модар (дар ҳолати муваққатан бекор будани волидайн аз шуъбаи шуғли аҳолии ҷои истиқомат пешниҳод намудани маълумотнома)
15. 4 дона расми ранга (3х4)
16. Маълумотномаи доғи судӣ.

## Муассисаи таълимии ғайридавлатии Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон

*барои ишғоли вазифаҳои зерин дар соли 2022 озмун эълон мекунад:*

- Химияи умумӣ, ғайриорганикӣ, биоорганикӣ, таҳлилӣ, биологӣ, физколлоидӣ ва химияи токсикологӣ;
- Технологияи фармасевтӣ, фармакогнозия, ташкил ва иқтисоди фарматсия, фармакология ва фармакологияи клиникӣ, хизмати фарматсевтӣ ва иттилоотӣ фарматсевтӣ;
- Анатомияи одам ва истилоҳоти тиббии лотинӣ;
- Анатомияи патологӣ;
- Акушерӣ ва гинекологӣ;
- Тарбияи ҷисмонӣ;
- Стоматологияи муоличавӣ;
- Стоматологияи ортопедӣ;
- Психологияи тиббӣ;
- Нигоҳдории тандурустии ҷамъиятӣ, омори тиббӣ, таърихи тиб бо курси кори ҳамширагӣ;
- Беморихои дарунӣ;
- Беҳдошт ва экология;
- Биологияи тиббӣ бо асосҳои генетика;
- Физикаи тиббӣ ва биологӣ бо асосҳои технологияи информатсионӣ;
- Фанҳои ҷомеашиносӣ;
- Ҷарроҳии умумӣ;
- Забонҳо;
- Беморихои кӯдакона.

Талабот барои ишғоли вазифаҳои холӣ:

- ба вазифаи мудири кафедра шахсони дорандаи дараҷаи илмии доктор ё номзади илм, доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯи ихтисосдошта.

Шахсони хоҳишманд ба номи ректори донишкада ариза супорида, ҳуҷҷатҳои зеринро замима менамоянд:

- варақаи шахси баҳисобгирии кадрҳо;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо оид ба маълумоти олӣ, такмили ихтисос, дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ, дараҷаи тахассусӣ;
- тавсиянома аз ҷойи кори охирин;
- рӯйхати корҳои илмии нашргардида ва ихтироот;
- ҳисобот оид ба корҳои таълимӣ, илмӣ, табобатӣ (дар ҳолати аз нав интихобшавӣ ба мӯҳлати такрорӣ).

**Нишонии донишкада: ш.Душанбе, кӯчаи Клара Сеткина-2.**
**Телефон барои тамос: 985-56-92-22**

МУЛОҲИЗА

Вобаста ба фанни суруд ва мусиқӣ барномаҳою китобҳои нави пурмухтаво, дастуру васоити методии илмӣ ба нашр мерасанд. Дар китобҳои дарсӣ аз ҷониби муаллифон матни сурудҳое ҷой дода шудаанд, ки ба синну соли хонандагон мувофиқ ва пурмухтаво мебошанд. Аммо тавре медонем, дарси суруд ва мусиқӣ танҳо аз матнҳои пешниҳодшуда иборат набуда, ҳамчунин, ба оҳанг даровардани шеър ва донистани адвор (нотаҳо), тахия ва иҷрои рақсҳои гуногуни миллӣ, омӯзиши дуруст навохтани асбобу созҳои мардумӣ ва амсоли инҳо иборат мебошад.

## Таваҷҷуҳ ба таълими суруд ва мусиқӣ

Яке аз масъалаҳои муҳим, ки талаботи замони муосир низ мебошад, бо омӯзгорони соҳибихтисос таъмин намудани таълимгоҳҳои ҷумҳурӣ аз фанни мазкур махсуб меёбад. Воқеан, омӯзгори суруд ва мусиқӣ бояд худ ҳунарманд ва дорои тафаккури пешрафта буда, аз таърихи мусиқии классикии тоҷику форс, осори илмию назариявии олимону донишмандони асрҳои гузашта марбут ба соҳаи мусиқӣ ва мусиқии муосири миллӣ ва моҳияти илмию амалии омӯзиши ин фан иттилои зарурӣ дошта бошанд. Тавре медонем, дар асрҳои гузашта миллати тоҷик бузургону ҳунармандон ва нобиғаю донишмандони соҳаи мусиқиро ба оламиён муаррифӣ карда буданд. Аз ин рӯ, тамаддуну фарҳанг ва санъати тоҷиконро бе номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки созҳои уду рӯд ва чангро ихтироъ кардааст, бе зикри хидматҳои Борбади Марказӣ, ки мусиқии миллиро такомулу таҳаввул бахшида, ба қуллаи баланд баровард, бе исми Накисо, ҳамсафу пайрави Борбад ва амсоли инҳо наметавон тасаввур ва баҳогузорӣ кард.

Дар бораи вижагиҳои илми мусиқӣ дар асрҳои баъдӣ Абуалӣ ибни Сино, Закариёи Розӣ, Шамс Қайси Розӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Хайём, Низомии Ганҷавӣ ва дигар шоирону мутафаккирони тоҷик рисолаҳо эҷод кардаанд. Ҳангоми таълими машғулиятҳо аз фанни суруд ва мусиқӣ омӯзгор бояд дар ин хусус ба шогирдон маълумоти муфассал пешниҳод намояд.

Яке аз шоҳкориҳои мусиқии классикии тоҷик ҳамоно «Шашмақом» ба шумор меравад, ки қарнҳои зиёдест дар байни мардум нуфузу шуҳрати беназир дошта, матну оҳангҳои он аз ҷониби сарояндагону ҳунармандон дар сатҳи баланд иҷро карда мешавад. Омӯзгори суруд ва мусиқӣ бояд вобаста ба талаби замон оҳангсозу донандаи илми мусиқӣ бошад. Мутаассифона, бо вуҷуди беҳтар гардидани таълими фанни зикршуда, ҳанӯз заминаи моддию техникии дар сатҳи ҷавобгӯ ба шароити замон роҳандозӣ намудани машғулиятҳо нокифоя буда, дар аксар муассисаҳои таълимӣ асбобу созҳои миллии мусиқӣ намерасад. Таъмину муҷаҳҳаз намудани кабинети фанни санъат ва мусиқӣ бо технологияи замонавӣ низ ба талабот ҷавоб намедиҳад.

***Мирҷумъа ХУСАЙНОВ,***
*омӯзгори калони ДҶТИБКСМ*

Имсол барои баргузории имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ 1900 нафар корманди муваққатӣ ҷалб мегарданд.

*Оне даст ба корҳои бузург мезанад, ки аз марг намеандешад.*
*Люк Вовенарг*



ЭЪЛОН

# Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
# Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов

**барои қабули довталабон дар соли таҳсили 2022-2023 эълон мекунад:**
**Ба коллеҷ ҷавонони боистеъдод ва дорои маҳорати баланд қабул карда мешаванд. Мӯҳлати таҳсил – 4 сол**

| № | Рамзи ихтисос | Ихтисос | Накшаи кабул | Ҳамагӣ | Шӯъбаи рӯзона | | | | Ҳамагӣ | Маблағи таҳсилот (сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Буҷавӣ | | Шартномавӣ | | | |
| | | | | | Тоҷикӣ | Русӣ | Тоҷикӣ | Русӣ | | |
| 1 | 2 – 15 01 01 | РАССОМӢ | 20 | 20 | 5 | 5 | 5 | 5 | 20 | 1500 |
| 2 | 2 – 19 01 01 | ЗЕБОСОЗӢ (аз рӯи самтҳо) | 20 | 20 | 5 | 5 | 5 | 5 | 20 | 1500 |
| 3 | 2 – 15 01 03 | ҲАЙКАЛТАРОШӢ | 7 | 7 | 7 | - | - | - | 7 | 1100 |
| 4 | 2 – 15 02 01 | САНЪАТИ ОРОИШИ АМАЛӢ (наққошӣ) | 10 | 10 | 5 | - | 5 | - | 10 | 1200 |
| 5 | 2 – 15 02 01 01 | КУЛОЛГАРИИ БАДЕӢ | 10 | 10 | 10 | - | - | - | 10 | 1100 |
| 6 | 2 – 15 02 01 03 | КОРКАРДИ БАДЕИИ ЧӮБ (аз рӯи самтҳо) | 10 | 10 | 5 | - | 5 | - | 10 | 1250 |
| 7 | 2 – 15 02 01 05 | МАҲСУЛОТИ БАДЕӢ АЗ МЕТАЛЛ (аз рӯи самтҳо) | 15 | 15 | 10 | - | 5 | - | 15 | 1250 |
| 8 | 2 – 19 01 01 05 | ЗЕБОСОЗИИ ЛИБОС ВА МАТОЪ | 20 | 20 | 5 | 5 | 5 | 5 | 20 | 1500 |
| 9 | 2 – 15 01 01 02 | РАССОМИИ ТЕАТРӢ - ОРОИШӢ | 10 | 10 | 10 | - | - | - | 10 | 1100 |
| 10 | 2 – 15 01 04 | ГРАФИКА | 10 | 10 | 10 | - | - | - | 10 | 1200 |
| 11 | 2 – 15 02 01 02 03 | БОФАНДАГИИ БАДЕӢ | 10 | 10 | 5 | - | 5 | - | 10 | 1100 |
| 12 | 2- 21 04 02 03 | САНЪАТШИНОСӢ | 10 | 10 | 5 | 5 | - | - | 10 | 1200 |
| 13 | 2 – 15 02 01 02 01 | МИНИАТЮРАИ ШАРҚ | 10 | 10 | 5 | - | 5 | - | 10 | 1200 |
| 14 | 2 – 50 01 34 01 | ТАРРОҲӢ ВА ПОРАКУНИИ ЛИБОС | 15 | 15 | 5 | - | 10 | - | 15 | 1500 |
| 15 | 2 – 15 02 01 03 02 | КОРКАРДИ БАДЕИИ ЧӮБ (АРМУҒОНСОЗӢ) | 20 | 20 | 10 | - | 10 | - | 20 | 1250 |
| 16 | 2 – 15 02 01 31 02 | МАҲСУЛОТИ БАДЕӢ АЗ МАТОЪҲОИ НАССОҶӢ (КАШИДАДӮЗӢ, ГУЛДӮЗӢ) | 20 | 20 | 10 | - | 10 | - | 20 | 1250 |
| | | ҲАМАГӢ | 217 | 217 | 112 | 20 | 70 | 15 | 217 | |

**Номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки довталабон бо комиссияи қабул пешниҳод менамоянд:**

1. Ариза ба номи директор.
2. Ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти миёнаи умумӣ синфи 9 (Аттестат) намунаи асл.
3. Хислатнома аз МТМУ.
4. Маълумотномаи тиббӣ (шакли №038-у+ВНМО).
5. 6 адад расм (андозаи 3х4).
6. Шиноснома (Шаҳодатномаи таваллуд) бо 2 нусха пешниҳод карда мешавад.
7. Маълумотнома аз ҷои истиқомат.
8. Шаҳодатномаи ҳарбии даъватшаванда (Приписной лист) пешниҳод карда мешавад.
9. Албом (тасвири корҳои амалии бо қалам ва ранг)
10. 1 дона ҷузъгир, лифофаи андозаи 15х20.

Қабули ҳуҷҷатҳо аз 01.06.2022 то 10.08.2022 сол идома меёбад.

Нишонии мо: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯч. Н. Қарабоев, 54. Тел: Қисми таълим : +992 77 888 66 31, +992 000 05 66 60, +992 985 91 70 14, + 992 008 88 55 02

**Имтиҳонҳои дохилшавӣ**

Қаламкашӣ, Рангакашӣ
Бадеият дар тасвир : аз рӯи мавзуи интихобгардида
Бадеият дар тасвир : аз рӯи мавзуи озод
Диктант :бо забони русӣ
Диктант :бо забони тоҷикӣ (аз ҳар ду яке).

ДАСТГИРӢ

## Ҳадаф: мустаҳкам намудани пойгоҳи моддӣ – техникӣ

Пойгоҳи моддию техникии муассисаҳои таълимии вилояти Суғд тадриҷан мустаҳкам мегарданд. Ин амали нек аз ҷониби масъулини лоиҳаи “Мактабҳо 2030”-и Хазинаи Тоҷикистонии Оғохон низ дастгирӣ меёбад.

Дар мавриди ташкилу баргузории марҳилаи омӯзишии дар доираи лоиҳаи “Мактабҳо 2030”-и Барномаи рушди маорифи Хазинаи Тоҷикистонии Оғохон “Тарҳи инсонмеҳвар” дар вилояти Суғд, ин созмони хайриявӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 2- и шаҳри Хуҷанд маросими тақсимоти таҷҳизот ва маводи таълимӣ лавозимоти хониш ва воситаҳои аёнию техникии таълимӣ баргузор намуд.

Роҳбари бахши маориф дар Хазинаи Тоҷикистонии Оғохон Шералӣ Саидошӯров номгӯи воситаҳои техникию аёниро барои муассисаҳои таълимӣ муаррифӣ кард. Дар ҷараёни он як қатор барномаҳои интерактивӣ низ рӯнамоӣ шуданд.

*Нуъмон РАҶАБЗОДА,*
*Абдусабури АБДУВАҲҲОБ*

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Шаҳодатномаи гумшудаи А №086912 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1992 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Ходжаева Хайриниссо Сахобиддиновна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-ШТА №026759 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1999 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №23-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Ходжаева Гулнора Сахобиддиновна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи №215775 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1993 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и ноҳияи Рӯдакӣ ба Эшонкулова Мавлуда додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи А402828 дар бораи хатми синфи 9, ки онро соли 1989 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38-и ноҳияи Рӯдакӣ ба Сангинова Муҳайё Тошмуродовна додааст, эътибор надорад.

Шаҳодатномаи гумшудаи №165280, ки онро соли 1991 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и ноҳияи Ишкошим ба Алфатшоева Ҷумла Шириншоевна додааст, эътибор надорад.

**Кормандони Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ ба ходимии илмии пажуҳишгоҳ Иноят Файзуллоева ба сабаби даргузашти МОДАРАШ ҳамдардӣ баён мекунанд.**

**Роҳбарият ва кормандони Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мутахассиси пешбари бахши таҳлили таъсири танзимкунии марказ Ҷӯраи Абдусалом бинобар даргузашти фарзандаш МУСТАФО изҳори ҳамдардӣ ва таслият мекунанд.**

*Сафобахши ҷаҳон омӯзгор аст.*

ОМӮЗГОР
Муассис: Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
Почтаи электронӣ: n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

*Сармуҳаррир Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА*

*Ҳайати таҳрир: Р. САИДЗОДА, Э. НАСРИДДИНЗОДА, Н. САИД, Ч. ҶӮРАЗОДА, Л. АБДУЛХОЛИҚЗОДА, Ш. ХАЙРЗОДА, З. АБДУЛЗОДА, Ф. РАҲИМӢ, А. МУРОДӢ (ҷонишини сармуҳаррир), Н. ОХУНЗОДА (котиби масъул)*

Суроға: 734025, ш.Душанбе, х. Айнӣ - 126, Телефонҳо: қабулгоҳ – 225-81-55, ҷонишини сармуҳаррир – 225-81-58, котибот – 225-81-57, муҳосибот – 225-81-61

«Омӯзгор» тахти рақами 0018/рз, аз 13.07.2015 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, тахти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулият ба ухда нагирад. *Навбатдори шумора Ш. РАҶАБЗОД*

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид. | Индекси обуна – 68850 | Адади нашр: 40883 нусха | Тарроҳ: С. Ниязов | Ҳуруфчинон: С. Мӯсоева ва Д. Забирова

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5) – и ҳарфи Times New Roman Tj. қабул менамояд.